# ВАҲДАТ ВА ШАФҚАТИ САҲОБА ВА АҲЛИ БАЙТ

## БО ЯКДИГАР

**ИН КИТОБ АЗ САЙТИ КИТОБХОНАИ «АҚИДА» ДОНЛӮД ШУДААСТ.**

**www.aqeedeh.com/ta/**

АДРЕСИ ИМАЙЛ**: book@aqeedeh.com**

**САЙТҲОИ МУФИД**

www.aqeedeh.com
www.islamtxt.com
www.shabnam.cc
www.kalemeh.tv
www.islamtape.com
www.blestfamily.com
www.islamworldnews.com
www.islamage.com
www.islamwebpedia.com
www.islampp.com
www.zekr.tv
www. mowahedin.com
www.sadaislam.com
www.islamhouse.com
www.bidary.net
www.tabesh.net
www.farsi.sunnionline.us
www.sunni-news.net
www.mohtadeen.com
www.ijtehadat.com
www. nourtv.net
www.videofarsi.com

Шоҳкори — **Шайх Солеҳ ДАРВЕШ**

Тарҷума ва нигориши — **Абдуллоҳ ҲАЙДАРӢ**

*Ба номи Худованди бахшандаи меҳрубон*

## ПЕШГУФТОРИ МУТАРҶИМ

Ба номи меҳрубон Илоҳе, ки раҳматаш ҳамаи ҳастиро фаро гирифта, дуруду салом бар Паёмбари раҳмате, бо қалби меҳрубонаш шафқату муҳаббат ва раҳматро ҳамчун шарбати гуворо ба умматаш нӯшонд ва дуруду салом бар ёрон ва хонадонаш, ки аввалин шогирдони ин мактаби раҳмату шафқат буданд, то ҷое ки Худованди раҳмон ва меҳрубон ба далели зуҳури раҳмат дар миёнашон ба ҳамин сифат аз онон дар Қуръон ситоиш намуда фармуд: **“Муҳаммад Расули Худост ва касоне, ки бо ӯянд бар кофирон сахтгир ва дар миёни худ меҳрубонанд.”**

*(Сураи Фатҳ: 29)*

Ҷомеаи башарӣ ҳамвора ниёзманди роҳбарон ва пешвоёне аст, ки битавонанд фасодҳо ва инҳирофҳои ақидатӣ, фикрӣ ва ахлоқии мардумро ислоҳ кунанд, то қатораи сайри ҷомеа ба тӯфони мавонеъ бархӯрд накунад ва дучори халал ва нобудӣ нагардад. Худованди ҳаким, ки Холиқи мутлақ ва мудаббири кулли ин ҷаҳон аст, бо илму ҳикмати худаш ташхис ва муайян мекунад, ки ҷомеа кадом вақт ба чӣ навъ раҳбарон ва ислоҳгароне ниёзманд аст. Суннати ҳакимонаи он Зоти қудсӣ ин буд, ки ҳамвора паёмбарон ва расулонеро аз миёни худи мардум бармегузид ва паёми худашро тавассути онон ба мардум мерасонд ва роҳи солим зистан ва беҳтар зистанро ба онҳо талқин менамуд. Саранҷом дар фурсати поёнии имтиҳон

дар ин ҷаҳони фонӣ ҳикматаш чунин тақозо намуд, ки охирин паёмбарашро бо охирин китобаш бифиристад ва бад-ин тартиб ба силсилаи паёмбарон ва расулонаш поён бахшад.

## ИТТИФОҚИ УММАТ

Аммо рисолат ва масъулияти онҳо поённопазир аст, аз ин рӯ, ифтихори таҳаммул ва адои ин масъулияти илоҳӣ ба ин уммат супурда шуд. Бинобар ин, Паёмбари хотим (с) аввалин маҷмӯаро аз миёни ин уммат барои даъват ва иҷрои ин масъулияти паёмбарона ба дасти муборакихудашон тарбият намуданд. Аз ҳамин ҷиҳат, уммати исломӣ тақрибан итифоқи назар дорад, ки чи тавре дар гузашта беҳтарину поктарини инсонҳои рӯи замин, пас аз паёмбарону расулон шогирдони онҳо будаанд, дар мадрасаи Муҳаммадӣ (с) низ ҳамин қоида ба шакли бисёр возеҳу равшан мутаҷаллӣ ва ошкор гардидааст.

## СИТОИШИ ИЛОҲӢ

Бинобар ин, Худованди меҳрубон дар Қуръони карим борҳо аз ин шогирдони мухлиси мадрасаи нубувват изҳори хушҳолӣ ва ризоият намуда, ба онҳо ваъдаи биҳишт ва мағфират додааст:

﴿وَالسَّابِقُونَ الْأَوَّلُونَ مِنَ الْمُهَاجِرِينَ وَالْأَنْصَارِ وَالَّذِينَ اتَّبَعُوهُمْ بِإِحْسَانٍ رَضِيَ اللَّهُ عَنْهُمْ وَرَضُوا عَنْهُ وَأَعَدَّ لَهُمْ جَنَّاتٍ تَجْرِي تَحْتَهَا الْأَنْهَارُ خَالِدِينَ فِيهَا أَبَدًا ذَلِكَ الْفَوْزُ الْعَظِيمُ﴾

**“Ва пешравони нахустин аз муҳоҷирин ва ансор ва касоне, ки ба некӯкорӣ аз онон пайравӣ кардаанд, Худованд аз онҳо хушнуд шуд ва (онҳо низ) аз Ӯ хушнуд шуданд. Ва барояшон боғҳое, ки аз зери он наҳрҳо равон аст, омода сохт, ки дар онҷо ҳамеша ҷовидонаанд, ин комёбии бузург аст.”**

*(Тавба: 100)*

﴿لَقَدْ رَضِيَ اللَّهُ عَنِ الْمُؤْمِنِينَ إِذْ يُبَايِعُونَكَ تَحْتَ الشَّجَرَةِ فَعَلِمَ مَا فِي قُلُوبِهِمْ فَأَنْزَلَ السَّكِينَةَ عَلَيْهِمْ وَأَثَابَهُمْ فَتْحاً قَرِيباً﴾

**“Худованд аз мӯъминон ҳангоме розӣ гардид, ки дар зери дарахт бо ту байъат карданд, Худо ончиро, ки дар даруни дилҳояшон *(аз садоқат, имон, ихлос ва вафодорӣ ба Ислом)* нуҳуфта буд, медонист. Аз ҳамин ҷиҳат, ба дилҳояшон итминон ва хотирҷамъӣ дод ва фатҳи наздикеро подошашон кард.”**

*(Фатҳ:18)*

Ин қабил оятҳо дар шаъни асҳоби Паёмбари Худо (с) бисёр аст, балки Худованд имон ва садоқати онҳоро барои дигар инсонҳо сармашқ ва намуна қарор додааст:

﴿ فَإِنْ آمَنُوا بِمِثْلِ مَا آمَنْتُمْ بِهِ فَقَدِ اهْتَدَوْا وَإِنْ تَوَلَّوْا فَإِنَّمَا هُمْ فِي شِقَاقٍ فَسَيَكْفِيكَهُمُ اللَّهُ وَهُوَ السَّمِيعُ الْعَلِيمُ﴾

**“Агар онон ҳамчунон, ки шумо имон овардаед, имон биёваранд, бе бегумон ҳидоят шудаанд ва агар**

**пуштгардонанд, пас роҳи ихтилофу душманиро *(бо шумо)* дар пеш гирифтаанд ва Худо туро басанда хоҳад буд ва Ӯ шунавову бино аст.”**

*(Бақара: 137)*

## ТАҲРИФИ ТАЪРИХ

Дар таърих собиқа надорад, ки шогирдон ва ҷоннисорони расул ва паёмбаре пас аз имон ва пухта шудан дар кӯраи озмоишот ва касби даҳҳо ва садҳо медали ифтихор бо хонадони мӯъмини ӯ ба ситезу душманӣ бипардозанд. Аммо мутаассифона бо таҳрифи таърих ва дурӯғпардозиҳои афсонавӣ чунин вонамуд шуда, ки гӯё паёмбари мо ҳазрати Муҳаммад (с) дар тафҳим ва иҷрои рисолати худ (наъузу биллоҳ) ноком буда ва дар тамоми муддати бисту се соли даврони тиллоии таърихи башар, ки эшон намунаи комил аз як инсони комил бо пуштибонии ваҳй ва назорати илоҳӣ раҳбарии ҷаҳони маънавиятро ба ӯҳда дошта, натавониста ҷуз чанд нафар, ки ададашон аз ангуштони як даст бештар нест, шогирдонеро парвариш диҳад, ки пас аз вай ҳадди ақал бо хонаводаи эшон робитаи самимӣ дошта бошанд.

Бисёр аҷиб аст! Чӣ тавр бояд ингуна афсонаҳоро бовар кард, дар ҳоле, ки тибқи далелҳои равшан ва бурҳонҳои қотеъ асҳоби Расули акрам (с) ва аҳли байти ӯ на танҳо ёру ёвари якдигар буданд, балки бо вуҷуди баъзе ранҷишҳои табиъӣ дар ҷомеаи башарӣ пайванди ногусастанӣ миёни онон вуҷуд дошт ва ба якдигар бисёр эҳтиром доштанд ва бо якдигар пайванди хешовандӣ барқарор мекарданд ва ба номҳои якдигар ифтихор меварзиданд.

## СУХАНОНИ ТИЛЛОӢ

Агар чунин нест, пас чаро амирулмӯъминин Алии Муртазо (ъ) аз асабоният ва ғазаб бар минбари Кӯфа мушт мекӯбад ва мефармояд: *“Ба ман хабар расида, ки гӯё иддае маро аз Абӯбакр ва Умар бартар медонанд! Агар касе чунин иддаое карда бошад, ифтирокунанда (дурӯггӯ) аст, ки ҳадди ифтиро бояд бар ӯ ҷорӣ шавад*[1]*.”*

Ва дар ҷои дигаре мефармояд: *“Мабодо бо касе рӯ ба рӯ шавам, ки маро аз Абӯбакр ва Умар бартар медонад вагарна ӯро монанди касе, ки дурӯғ ва ифтиро мебандад, шаллоқ мезанам*[2]*”.*

## ИН КИТОБ

Китобчаи хурде, ки инак дар даст доред, умедворем битавонад ин воқеиятро равшан кунад, гарчи ин мавзӯъ бисёр густурдааст, аммо мутмаинем, ки возеҳшавии ҳақиқат ва ихлосу ангезаи ваҳдатталабӣ ва баёни шевову қалами расои нависанда хоҳад тавонист ташнагии ҳар мусалмони ҳақиқатҷӯро бартараф намуда ва ин воқеияти равшане, ки бо ақлу нақл ва фитрати солим мутобиқ аст, тавассути ҳамин саҳифаҳои андак ва бидуни ниёз ба китобҳо ва манобиъи бештар барои ҳамаи ҳақҷӯён ва ваҳдатхоҳони воқеӣ равшан намуда, роҳи ваҳдат, муҳаббату ҳамзистии мусолиматомезро барои мусалмонон ҳамвор гардонд.

---

1. “Ал-Муҳалло”-и Ибни Ҳазм, ҷилди 11. саҳ.286 ва “Мавсуъаи фиқҳ”-и Алӣ ибни Абӯтолиб, саҳ.498, ки таълифи доктор Равоси Қалъачӣ. Чопи “Дору-н-нафоис”.

2. Ҳамон манбаъ.

## ОМИЛИ ТАФРИҚА ЧИСТ?

Мо мӯътақидем, бузургтарин омили тафриқа дар миёни уммати исломӣ лаъну нафрин ба поктарин инсонҳои рӯи замин пас аз паёмбарон аст, ки бо далелҳои бисёр заъиф ва бо такя ба афсонаҳои пуч ва беасос сурат мегирад. Вақте мусалмонон бидонанд, ки саҳоба ва аҳли байт на танҳо якдигарро лаъну нафрин намекарда, балки бо якдигар ширу шакар будаанд ва борҳо дар миёни мардум аз якдигар ситоиш кардаанд, дигар далеле вуҷуд надорад, ки як фарди мусалмон онҳоро лаънат ва нафрин кунад ва худашро гирифтори хашму ғазаби илоҳӣ қарор диҳад, зеро Худованди муттаъол дар ҳадиси қудсӣ мефармояд:

(من عادى لى وليا فقد آذنته بالحرب)

**“Касе ки бо яке аз дӯстони ман душманӣ кунад, ман бо ӯ эълони ҷанг мекунам...”**

*(Ривояти Бухорӣ)*

Агар асҳоби Паёмбар (с), ки Қуръон борҳо аз онҳо ситоиш намуда, авлиёи Худо набошанд, дигар кӣ метавонад валии (дӯсти) Худо бошад?! Ба умеди он ки рӯзе уммати исломӣ битавонад бо донишу биниши ҳарчи амиқтар сабабҳои тафриқаву ҷудоиро шинохта, хунсо ва маҳв намоянд ва роҳи ваҳдат ва иззату сарбаландиро бипаймоянд, Парвардигоро, чунин бод, аз ҳамаи шумо азизоне, ки муҳаббати Худои зулҷалол ва авлиёи ростинаш ба шумули аҳли байт ва саҳоба дар дилҳоятон мавҷ мезанад ва ҳамвора барои ваҳдати воқеъӣ ва иззату сарбаландии уммати исломӣ метапад, талаби дуои хайр дорам, Худо ёру ёваратон бод!

***ҲАЙДАРӢ***

## МУҚАДДИМА

Ҳамду сипоси бекарон бар Маъбуди якто ва дуруду саломи ҷовидон бар ҳазрати Муҳаммади Мустафо ва бар ёрони аброр ва хонадони атҳораш бод.

## ЯК НУҚТАИ МУШТАРАК

Ногуфта пайдост, ки Расули акрам (с) сардори тамоми фарзандони Одам аст. Ин ҳақиқати мусалламест, ки ҳамаи мусалмонони ҷаҳон бар он иттифоқи назар доранд ва ин иттифоқ неъмати бузурге аз ҷониби Худованди муттаъол бар ин уммат аст, пас Худоро сипоси бепоён бод. Албатта андак касоне, ки бар хилофи уммати исломӣ роҳи дигар дар пеш гирифтаанд ва баъзе имомонро аз Расули Худо (с) дар илму дониш беҳтар муаррифӣ мекунанд, ихтилофи онҳо бо тамоми уммати исломӣ ҳеҷ гуна арзиш ва эътиборе надорад, зеро ин ривоёт бо вуҷуди ин ки дар китобҳояшон мудавван шудаву сабт аст ва гӯё иддае ба он мӯътақиданд, дар муқобил касонеро меёбед, ки ингуна ривоётро таъвил ва ё тазъиф (заъиф ва беарзиш) мекунанд.

Ин ки мақом ва манзилати Паёмбари Худо (с) бисёр равшану ошкор аст ва ин ки эшон соҳиби шафоъати кубро ва Ҳавзи Кавсар аст ва ин ки эшон дар дунё ва охират дорои мақоми баланде ҳастанд, ҳамаи инҳо ҳақиқатҳоест, ки касе наметавонад инкораш кунад. Ва табиъист, касоне, ки хоҳ саҳоба бошад ё аҳли байт, солҳо дар хидмати он Расули мукаррам (с) будаанд, аз файзу баракоти эшон баҳраманд шудаанд.

## ФАЗОИЛИ АҲЛИ БАЙТ (Ъ)

Оре, манзилати аҳли байт бисёр воло ва фазоилашон бешумор аст, ки дар оёт ва ривоёти зиёде баён гардида ва ба тавотур (сиҳату дурустӣ) расидааст, хоҳ он силсилаи аҳли байт Расули Худо (с)-ро дида, бо эшон ҳамсӯҳбат шуда ё ин ки (ба шарти имон ва тақво) аз он зуррияи тоҳираву пок бошанд. Аҳли байт ду навъ фазоил доранд, яке фазилатҳое, ки хос ба онҳо омада ва дигар фазоиле, ки дар бораи умуми саҳоба (р) омадааст. Ҳақиқатан он идда аз аҳли байт, ки ифтихори сӯҳбати Расули Худо (с)-ро доштаанд, аввалин касоне хоҳанд буд, ки ин фазоил шомили ҳолашон мешавад.

Дар китоби қаблӣ дар бораи сӯҳбат (ҳамсӯҳбатшавӣ) бо Паёмбари Худо (с) сухан гуфтем, аммо дар ин китоб аз раҳмат ва шафқат миёни ин ёрони самимӣ сухан хоҳем гуфт. Ҳарчи аз сӯҳбат бо Расули акрам (с) ва фазоили он сухан гуфта шавад, боиси малол ва хастагӣ намегардад, зеро ҳамсӯҳбат будан бо Паёмбар (с) бахши ҷудонопазире аз зиндагии пурбаракати он хуршеди оламтоб ва соҳиббаракат аст, ки ба муҷарради имон ба эшон ва сӯҳбат бо он ҳазрат (с) ёрони нозанинаш ифтихор ёфтанд, ки саҳобӣ номида шаванд.

## ДАРАҶАҲОИ САҲОБА (Р)

Аммо мақому манзилат ва дараҷоти ҳар кадоме аз онҳо дар биҳишти ҷовидон бинобар аъмол ва ҷиҳодашон бо Расули акрам (с) тафовут дорад, ҳамчунон ки дар дунё низ мақому дараҷаҳои онҳо мутафовит ва ҳархела аст. Баъзе аз эшон муҳоҷир ва баъзе ансоранд, баъзе қабл аз фатҳи Макка имон овардаанд ва бархе баъд аз он, вале аз сӯи Худованд ба ҳамаи онҳо ваъдаи биҳишт дода шудааст:

﴿لا يَسْتَوِى مِنكُمْ مَنْ أَنْفَقَ مِنْ قَبْلِ الْفَتْحِ وَقَاتَلَ أُولَئِكَ أَعْظَمُ دَرَجَةً مِنَ الَّذِينَ أَنْفَقُوا مِنْ بَعْدُ وَقَاتَلُوا وَكُلًّا وَعَدَ اللَّهُ الْحُسْنَى وَاللَّهُ بِمَا تَعْمَلُونَ خَبِيرٌ﴾

**“Касоне аз шумо, ки пеш аз фатҳи *(Макка)* инфоқ *(харҷ)* карданд ва *(бо кофирон)* ҷангиданд *(бо инфоқкунандагон ва ҷиҳодгарони пас аз фатҳи Макка)* яксон нестанд. Онон дар манзилат аз касоне, ки пас аз *(фатҳи Макка)* инфоқу харҷ карданд ва *(бо кофирон)* ҷангиданд, бузургтаранд ва Худованд ба ҳар яке *(аз онҳо саранҷоми)* нек *(биҳишт)*-ро ваъда додааст ва Худованд аз ончи мекунед, бохабар аст.”**

*(Ҳадид: 10)*

Оре, ҳамаи онҳо фазилат ва манзилати худашонро доранд ва мо бояд ин азаматро дарк кунем ва ин ки ин сӯҳбат худ манзилату ифтихори мустақилле аст, илова бар он дараҷаҳои эшон ба эътибори амалҳояшон фарқ дорад. **“Ва пешравони нахустин аз муҳоҷирин ва ансор ва касоне, ки ба некӯкорӣ аз онон пайравӣ карданд, Худованд аз онҳо хушнуд шуд ва *(онон низ)* аз Ӯ хушнуд шуданд ва барояшон боғҳое, ки аз зери он наҳрҳо равон аст, омода сохт, ки дар он ҷо ҳамеша ҷовидонаанд. Ин комёбии бузург аст.”**

*(Тавба: 100)*

Пас, инҳо дар болотарин дараҷа ҳастанд ва касоне, ки ҳарду ифтихорро доштаанд, яъне саҳобаи оли атҳор (р), ки ҳам мақоми сӯҳбат ва ҳам мақоми қаробатро доранд, дараҷаҳои онон низ ба эътибори амалҳояшон тафовут ва фарқ мекунад.

# ОСЕБШИНОСИИ ТАФРИҚА

Хонандаи азиз! Осебшиносӣ дар парокандагии уммат ва илоҷи он як матлаби шаръӣ аст, зеро ихтилофу тафриқа дар ҷомеаи исломӣ мушкили бузургест, ки паёмадҳои хатарноки он ҳамчун тӯфоне дорад, умматро ба ҳалокат мекашонад ва агар барои муолиҷаи он даст ба кор нашавем ҳар рӯз, ки бигзарад, хасорату зарари бештаре ба бор меоварад. Бинобар ин, ҷиҳати муолиҷаи ин саратони кушанда ҳарчи зудтар бояд иқдом намуд. Банда дар ин фурсати кӯтоҳ ба мавзӯъи муҳим ва сарнавиштсоз, вале ба бахши кӯчаки он хоҳам пардохт. Ин мавзӯъ робитаи самимонаи ёрон ва хонадони рисолат бо якдигар аст. Аммо дар ин ҷо мухтасаран пиромуни раҳмату шафқат миёни аҳли байти Паёмбар (с) бо дигар саҳобагони он ҳазрат (с) сухан хоҳам гуфт, ки бо таваҷҷӯҳ ба ҷангҳое, ки миёни эшон даргирифт, боз ҳам бо якдигар раҳим ва меҳрубон буданд.

Ин ҳақиқати инкорнопазир аст, гарчи достонсароён онро нодида гирифтаанд ва баъзе ровиёни муғриз аз он сукут кардаанд. Аммо ин ҳақиқат ҳамчун хуршеди дурахшон монда ва хоҳад монд ва дасисаи ровиёни муғриз ва хаёлпардозони ғофилро нақши бар об хоҳад кард. Бисёр касоне буданд, ки аз ин гуна афсонаҳову хаёлпардозиҳо ва ривоёти дурӯғин ва бесанаду береша барои пешбурди ҳадафҳои хеш истифода мекарданд. Ҳавопарастон ва ошиқони бидъати дар дин аз як сӯ ва сиёсатмадорони динситез ва шикампарастону тоҷирони динӣ аз сӯи дигар, ҳамаи инҳо дониста ё надониста ва хоста ё нахоста дар хидмати душманони Ислом қарор гирифтанд ва орзуи деринаи эшонро бароварда карданд ва бо эҷоди нифоқ ва ихтилоф дар миёни уммат тухми адовату душманӣ коштанд.

# ПАЁМИ ВАҲДАТ

Бедор бошед, шумо эй муҳаққиқон ва пажӯҳишгарон! Шумо эй нависандагон ва андешамандон, шумо эй таърихсозон ва таърихнависон, шумо эй даъватгарони ваҳдату иттиҳод, шумо эй касоне, ки аз хатари “ҷаҳонӣ шудан”, ҳушдор медиҳед ва барои рӯёрӯи бо паёмадҳои иҳтимолии он аз ваҳдату якпорчагӣ сухан меронед, балки ба шумо эй мусалмонони озода, ки ғайрати дин доред, ба ҳамаи шумо мегӯям: Чаро ҷараёноти мурдаи таърихиро зинда мекунед, ки ҷуз паёмади манфӣ ва амиқ кардани душманӣ дар миёни уммат чизе ба дунбол надорад. Мақсад чист? Чӣ мехоҳем, барои розӣ сохтани авом? Тақлиди кӯркӯрона, манофеъи моддӣ. Пас чӣ? Тааҷҷубовар аст, ки иддае вақти гаронбаҳояшонро сарфи кунҷковӣ дар масоили таърихӣ менамоянд ва ё андешаҳои сусту бепояро бовар мекунанд, ки асоси онҳо бар ривоятҳои заъиф ва дурӯғин ва ё ҳавову ҳавас ниҳода шудааст ва хандаовар аст, ки инҳо воқиан мӯътақиданд кори хуб анҷом медиҳанд ва ба ҳақоиқи илмӣ даст пайдо кардаанд.

Аммо агар бо чашми боз нигоҳ кунанд, ба вузуҳу равшанӣ дарк мекунанд, ки ҷуз густурда кардани доманаи ихтилофу тафриқа ва амиқ кардани душманӣ миёни мусалмонон ҳунаре ба харҷ надодаанд ва ҷуз нештар задан ба захми чиркини уммат ва парвариши микроби ихтилоф ҳамосае наофаридаанд. Ва агар аз онон бипурсед, ки аз талошу заҳматашон чӣ натиҷае гирифтаанд? Ҷавобе нахоҳанд дошт. Ҳадди аксар хоҳанд гуфт: як баҳси илмӣ аст, ҳамин ва бас! Ростӣ, куҷост он асосҳои илмие, ки эшон ба онҳо эътимод кардаву таҳқиқ намудаанд?! Ва куҷост рисолати муқаддаси ваҳдату якпорчагии мусалмонон?!

## ИФТИХОРИ СӮҲБАТ

Дар китоби қаблӣ аз алоқаи сахт миёни Расули Худо (с) ва асҳоби ҷонбозаш сухан гуфтем ва ин ки яке аз масъулиятҳои Расули акрам (с) тазкияву поксозии касоне аст, ки ба эшон имон овардаанд, ки онҳо мардуми бесавод ва нохонда буданд ва Худованд онҳоро бо имон овардан ба Паёмбараш (с) ва сӯҳбати нуронии он ҳазрат (с) ифтихор бахшид, чунончи Аллоҳ таъоло мефармояд: **"Ӯ Зоте аст, ки дар миёни бесаводон расуле аз худи онҳо барангехт, ки оёташро бар онон мехонад ва онҳоро пок месозад. Ба онон китоб ва ҳикмат меомӯзад ва ба ростӣ пеш аз ин дар гумроҳии ошкор буданд."**

*(Ҷумъа: 2)*

Ҳаминҳо буданд, ки Расули раҳмат ва ҳидоят (с) ба тарбияву таълими онҳо пардохт. Аз зиндагии аҷиншудаи саҳобагони ҷонбоз бо он раҳбари дилбохтаашон (с) сухан гуфтем, аз робитаи шогирдони рашид ва фидокор бо он муаллим ва улгӯи комилу пешвои маҳбуб (с) бо шефтагон ва ҷонбозони роҳи муҳаббати ӯ, ки илова бар раъият будан, асҳоб ва ёрону фидоиёни ӯ буданд, сухан рондем. Шаммае аз ин робитаи гарму самимӣ, сӯҳбат бо нубувват, шогирд бо муаллим, пайрав бо роҳбар ва мурид бо муршидро дар китоби аввалам, бо номи "Сӯҳбат бо Расули Худо (с)" баён намудем.

## БЕҲТАРИН УММАТ

Хонандаи азиз, шумо низ ҳеҷ шакку шубҳае нахоҳед дошт, ки Расули акрам (с) рисолати бузургеро, ки Худованди меҳрубон ба эшон супурда буд, ба беҳтарину

комилтарин ваҷҳи мумкин адо намудаанд, паёми илоҳиро ба мардум расонданд. Ва барои интишор ва идомаи ин дини ҳаниф асҳобу ёрону намунавиро тарбия ва таълим доданд ва комилан онҳоро тазкия намуданд. Аз самароти арзишманди ин таълиму тарбия ва тазкияи ботинӣ он сифатҳои воло ва арзишманде аст, ки ҷузъи ахлоқу одот ва тинату сиришти саҳобаи бузургвор (р) қарор гирифт. Ҳамин ифтихор кофӣ аст, ки онҳо беҳтарин уммат муаррафӣ шуданд, ки барои нафъи мардум фиристода шудаанд, чунончи Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿كُنتُمْ خَيْرَ أُمَّةٍ أُخْرِجَتْ لِلنَّاسِ﴾

**“Шумо беҳтарин уммат ҳастед, ки барои нафъи мардум берун оварда шудаед.”**

*(Оли Имрон: 110)*

Дар калимаи “Ухриҷат” дар ояи карима диққат кунед, ки Ҳақ таъоло онҳоро фиристода ва ин мақому манзилати волоро ба онон бахшидааст, ин шабиҳи ояи каримаи дигар аст:

﴿وَكَذَٰلِكَ جَعَلْنَاكُمْ أُمَّةً وَسَطاً لِتَكُونُوا شُهَدَاءَ عَلَى النَّاسِ
وَيَكُونَ الرَّسُولُ عَلَيْكُمْ شَهِيداً وَمَا جَعَلْنَا الْقِبْلَةَ الَّتِي كُنتَ
عَلَيْهَا إِلَّا لِنَعْلَمَ مَنْ يَتَّبِعُ الرَّسُولَ مِمَّنْ يَنْقَلِبُ عَلَى عَقِبَيْهِ
وَإِنْ كَانَتْ لَكَبِيرَةً إِلَّا عَلَى الَّذِينَ هَدَى اللَّهُ وَمَا كَانَ اللَّهُ
لِيُضِيعَ إِيمَانَكُمْ إِنَّ اللَّهَ بِالنَّاسِ لَرَؤُوفٌ رَحِيمٌ﴾

**“Ва ҳамчунин шуморо уммати миёна гардонда *(баргузида)*-ем, то бар мардум гувоҳ бошед ва *(низ)* то**

**Расули *(Худо)* бар шумо гувоҳ бошад ва қиблаеро, ки пайрави он будӣ, *(фурӯ)* нанҳодем, магар барои он ки касеро, ки аз Расули *(Худо)* пайравӣ мекунад аз касе, ки аз ақидааш бармегардад, маълум намоем. Ва ба ростӣ он, ҷуз бар касоне, ки Худо онҳоро ҳидоят кардааст, душвор аст *(ва)* Худованд *(намехоҳад)* имонатонро аз байн бибарад. Бегумон Худованд ба мардум ниҳоят меҳрубон *(ва)* бораҳм аст.”**

*(Бақара: 143)*

Оятҳое, ки Худованд дар мадҳу ситоиш ва баёни сифоти онҳо нозил фармуда, бисёр аст, ки мо дар ин китоб ба тавзеҳи яке аз он сифатҳо хоҳем пардохт.

## ЯК ИСТИСНО ДАР ТАЪРИХ

Хонандагони азиз! Ба ёд дошта бошед, ки ин насл аз инсонҳо як истисно дар таърих аст, сифот ва вежагиҳое, ки онҳо касб карданд, маҳол аст, фарди дигаре битавонад ба онҳо дастрасӣ пайдо кунад ва шарафу ифтихори сӯҳбати сарвари паёмбарон (с)-ро доштан, дигар куҷо ва барои кадом шахс мумкин аст, ки таҳаққуқ ёбад? Хушо ба саъодаташон. Муаллим ва мураббии онҳо ҳамон имоми раҳмат ва ҳидоят буд, ки ба онҳо илму адаб ва ҷиҳоду фидокорӣ омӯхт, ки саранҷом Исломро ҳаминҳо ёрӣ карданд ва ба саросари ҷаҳон расонданд ва бо хунашон аз он дифоъ карданд. Мо дар ин ҷо ба яке аз сифатҳои онон таваҷҷӯҳ хоҳем кард, ки шоистааст шарҳу тавзеҳ дода шавад ва ҳамаи уммати исломӣ бо он ошно шавад. Оё медонед манзури мо кадом сифат аст? Бале, дуруст аст, ҳамон сифати раҳмат.

## АНГЕЗА ЧИСТ?

Шояд суоле пеш биёяд, ки чаро аз ин сифат сухан мегӯем? Хонандаи азиз, оё диққат кардаед, ки сирри ин сифати арзишманд чист? Мулоҳиза хоҳед фармуд, ки ангезаву сабаби сухан гуфтан аз ин сифат фаровон аст, вале мо дар ин ҷо ба таври кӯтоҳ ба чанд сабаб ишора мекунем.

***Сабаби аввал:***

Ба далели маъонии жарф ва амиқе, ки ин сифат дарбар дорад ва оёт ва ҳадисҳову осори фаровоне, ки аз Расули акрам (с) ва оли атҳор ва саҳобаи ахёраш дар ин маъни омадааст. Пеш аз ҳама, вақте ки Парвардигори бузург ва меҳрубонамон дар баробари ин ки худашро Раҳмон ва Раҳим хондааст, дар васфи Паёмбари азизаш (с) низ фармудааст:

﴿لَقَدْ جَاءَكُمْ رَسُولٌ مِنْ أَنْفُسِكُمْ عَزِيزٌ عَلَيْهِ مَا عَنِتُّمْ حَرِيصٌ عَلَيْكُمْ بِالْمُؤْمِنِينَ رَؤُوفٌ رَحِيمٌ﴾[1]

**“Ҳароина расуле аз худатон ба сӯи шумо омад, ки ранҷатон бар ӯ душвор, бар шумо ҳарис *(ва)* бар мӯъминон ғамхор ва меҳрубон аст.”**

*(Тавба: 120)*

Ва худи Расули гиромӣ (с) фармудаанд: ***“Касе, ки раҳм накунад, ба ӯ раҳм намешавад.”***

*(Бухорӣ ва Муслим)*

Агар бихоҳем дар маънии ин сифат ва осоре, ки дар бораи он омада сухан бигӯем, матлаб тӯлонӣ хоҳад шуд, ки феълан ниёзе ба он нест.

***Сababи дуввум:***

Ин ки тавсифи онҳо ба ин сифат, худ як эъҷози илмӣ аст, ки агар касе дар он диққат кунад, зуҳури ин эъҷозро ба рӯшанӣ мебинад. Зеро ба иллати ин ки Худованд ба илми ғайбии худаш медонист, ки баъдҳо чӣ пеш хоҳад омад, гӯё ин ояи карима ва дурахшиши сифати раҳмат дар он, пешопеши рад бар таънаҳо ва тавҳинҳоест, ки то он замон достонсароён ва дурӯғфурӯшон ва ровиёни дурӯғини ҳадисҳои бофта ҳанӯз корашонро шурӯъ накарда буданд ва дурӯғҳояшонро ба собит нарасонда буданд ва ҳанӯз душманони саҳоба ва аҳли байт фурсати баҳоначӯӣ ва хӯрдагирӣ пайдо накарда буданд, диққат кунед:

﴿ مُحَمَّدٌ رَسُولُ اللَّهِ وَالَّذِينَ مَعَهُ أَشِدَّاءُ عَلَى الْكُفَّارِ رُحَمَاءُ بَيْنَهُمْ تَرَاهُمْ رُكَّعاً سُجَّداً يَبْتَغُونَ فَضْلاً مِنَ اللَّهِ وَرِضْوَانـــاً سِيمَاهُمْ فِي وُجُوهِهِمْ مِنْ أَثَرِ السُّجُود ﴾

**“Муҳаммад Расули Худост ва касоне, ки бо ӯ ҳастанд, бар кофирон сахтгир ва дар миёни худ меҳрубонанд. Ононро дар ҳоли рукуъ ва саҷда мебинӣ, ки аз Худованд фазлу хушнудӣ меҷӯянд. Нишонаи *(дурусткории)* онҳо аз асари саҷда дар чеҳраҳояшон пайдост.”**

*(Фатҳ: 29)*

***Сababи саввум:***

Баёни ин ҳақиқат, ки саҳоба бо якдигар меҳрубонанд ва ин шафқату меҳрубонӣ то аъмоқи дилҳояшон реша дошта, тамоми он ривоятҳои бофта ва афсонаҳои дурӯғин ва ихтилофпарварро, ки саҳобаи Паёмбари Худо (с) ва самараи умри он ҳазрат (с)-ро ҳамчун ҳайвоноти ваҳшӣ

ва дарранда муаррафӣ мекунад, ки гӯё бо якдигар душман будаанд, ҳамаи он авҳому афсонаҳоро нобуд мекунад. Оре, хонандаи азиз! Агар касе тавонист ин ҳақиқатро, ки Қуръони карим баён мекунад, бипазирад, ки асҳоб воқеан бо ҳам меҳрубон будаанд **(Рӯҳамоъу байнаҳум)** ва аз таги дил ба он эътироф намуд, қалбан мутмаин хоҳад шуд ва аҳёнан агар кинаву ҳасаде, ки ба василаи дурӯғҳои дурӯғпардозон дар баъзе дилҳо ҷой гирифта ва қалбҳои поку шаффофи мӯъминонро мукаддар карда, ҳама аз дил берун хоҳад рафт ва тибқи ояи карима ин сифати мӯъминонро низ ба дигар сифоти некӯии худ хоҳад афзуд:

﴿وَالَّذِينَ جَاءُوا مِنْ بَعْدِهِمْ يَقُولُونَ رَبَّنَا اغْفِرْ لَنَا وَلِإِخْوَانِنَا الَّذِينَ سَبَقُونَا بِالْإِيمَانِ وَلَا تَجْعَلْ فِي قُلُوبِنَا غِلًّا لِلَّذِينَ آمَنُوا رَبَّنَا إِنَّكَ رَءُوفٌ رَحِيمٌ﴾

**“Ва *(низ)* ононе, ки пас аз инҳо омадаанд, мегӯянд: “Парвардигоро, моро ва он бародаронамонро, ки дар имон овардан аз мо пешӣ гирифтанд, биёмурз ва дар дилҳои мо ҳеҷ кинае дар ҳаққи касоне, ки имон овардаанд, қарор мадеҳ. Парвардигоро, Туӣ, ки бахшояндаи меҳрубонӣ.”**

*(Ҳашр: 10)*

Пас тибқи ин ояи карима ҳар мусалмон мукаллаф аст, барои ҳамаи мӯъминон дуои мағфират ва омурзиш кунад ва аз Худованд бихоҳад, ки нисбат ба ҳеҷ мӯъмине кинаву адоват, душманӣ ва ҳатто кудурате дар дилаш ҷой надиҳад.

***Сababи чаҳорум:***

Аз усули пазируфташуда дар назди муҳаққиқон ва пажӯҳишгарон ин аст, ки “матн” ва “санад” ҳардуро

мавриди баррасӣ қарор медиҳанд. Ҳамчунон уламои забардаст зимни он ки матлаберо аз назари "санад" баррасӣ карданд ва онро собит ёфтанд, матни ривоятро бар нусуси Қуръони карим ва усули кулли ва мусаллами Ислом арза мекунанд ва ҳамчунин саъй мекунанд, байни ривоятҳои аҳёнан, бо ҳам мутаноқиз (зид) тавофуқ ва интибоқ ба вуҷуд оваранд. Ривоятҳои таърихӣ низ аз ин қоида мустасно (берун) нест ва барои баррасии ривоятҳои таърихӣ низ ин равишро бояд ба кор бурд. Вале мутаассифона, бисёре аз нависандагон аз таҳқиқу баррасии "санад" сарфи назар карда, ба ҳамин иктифо намуданд, ки ривояте дар китобҳои таърих ва адабиёти Араб вуҷуд дорад ва аз сӯи дигар агар касоне ба санад аҳамият доданд, матнро баррасӣ накарда ва онро бар Қуръон арза нанамудаанд.

Хонандаи азиз, пеш аз ин ки шитобзада амал кунед ва сирфан бо такя ба маълумоти парокандаву бетаҳқиқ ва бар асоси эҳсososту авотиф пешдоварӣ ва қазоват кунед, далелҳоеро, ки зикр кардем, ба диққат мутолиа кунед. Ҳарчанд калимоти бисёр соддаву равшан ва қуввати маониву далолати он возеҳу ошкор аст, вале бо вуҷуди ин номаънус ва тоза ба назар мерасад. Хулоса ин ки матлаби мазкур ба ду унсури асосӣ такя дорад, яке дарку эҳсос ва дигар, ояи **"Муҳаммадун расулуллоҳ..."** Албатта ояи 10-и сураи Ҳашр низ қобили диққат ва тааммул аст: **"Ва низ касоне, ки пас аз инҳо омадаанд, мегӯянд: Парвардигоро, моро ва он бародаронамонро, ки дар имон овардан бар мо сабқат намуданд, биёмурз ва дар дилҳои мо ҳеҷ кинае дар ҳаққи касоне, ки имон овардаанд, қарор мадеҳ. Парвардигоро, Туӣ, ки бахшояндаи меҳрубонӣ."** Ҳар ду ояро бихонед ва дар маънои он диққат кунед.

## Матлаби аввал

## НОМГУЗОРӢ

Исм ишора ба мусаммо ё соҳиби исм аст ва ин аломати махсусест, ки ӯро аз дигарон фарқ ва ҷудо мекунад ва мардум ҳамеша ин аслро пазируфтаанду ба он амал мекунанд. Ҳеҷ оқиле нест, ки дар аҳамияти исм шакку тардид дошта бошад, зеро бо ҳамин нишони бориз аст, ки кӯдак аз дигар бародарон ва кӯдакон бозшинохта мешавад ва рафта-рафта ба василаи он дар хонавода ва ҷомеа маъруфу машҳур мегардад, то ин ки саранҷом инсон мемирад, аммо исмаш (бо хусусиятҳои хуб ё бади он) боқӣ мемонад. Калимаи исм аз решаи "сумувв", яъне баландӣ ё аз решаи "васм" ба маънои нишон ва аломат гирифта шудааст. Ҳамаи ин умур далолат бар аҳамияти исм барои кӯдак мекунад ва ин аҳамиятро ҳеҷ гоҳ наметавон нодида гирифт.

Аз боризтарин хусусиятҳои исм, ин аст, ки далолат бар ақл ва мактаби эътиқодии шахс мекунад. Ба таври мисол душвор ва шояд номумкин аст, ки шумо шунида бошед, ки яҳуд ва насоро фарзандонашонро (Муҳаммад (с) биноманд, ё ин ки мусалмонон фарзандонашонро Лот ва Уззо ё Фиръавн ва Ҳомон ва Абӯҷаҳл ва Абӯлаҳаб биноманд. Бинобар ин, робитаи фарзанд бо падараш ба василаи исм барқарор мегардад ва падар ва дигар аъзои хонавода фарзандонро бо исм, балки бо исме, ки дӯст доранду меписанданд, садо мекунанд. Аз ин рӯ, номҳои ҳар як афроди хонавода дар миёни онҳо ва дигар хешовандон такрор мегардад ва аз қадим гуфтаанд: *"Аз рӯи исмат шахсияти падаратро мешиносам."*

## АҲАМИЯТИ ИСМ ДАР ИСЛОМ

Барои шинохту ташхиси ин аҳамият ҳамин кофист бидонем, ки шариати поки Муҳаммадӣ (с) ба исм аҳамияти фавқулоддае қоил шудааст. Аз ҳамин ҷиҳат Расули акрам (с) исми баъзе саҳобаро аъам аз мард ва зан иваз карданд, балки исми шаҳрашонро аз Ясриб ба Мадина табдил карданд. Ҳамчунон ки он ҳазрат (с) монеъи номгузории баъзе исмҳо шуданд, аз ин рӯ, фармуданд: *“Пасттарин шахс дар назди Худованд касест, ки худашро маликулмулук ё шоҳаншоҳ биномад.”*

*(Бухорӣ)*

Ҳамчунин Расули гиромиамон (с) ба баъзе номҳо, монанди Абдуллоҳ, Абдураҳмон ва ғайра, ки дар он ишора ба мақоми бандагӣ барои Худованд аст, тарғиб фармуданд: *“Маҳбубтарин номҳо дар назди Худованд Абдуллоҳ ва Абдураҳмон аст.”*

*(Ривояти Тирмизӣ ва Дорумӣ)*

Чунончи аз сирати Расули акрам (с) маълум мешавад, эшон аз исми хуб хушашон меомад ва онро ба фоли нек мегирифтанд. Аз назари уламои илми усул ва адабиёти Араб исмҳо аз худашон мафҳуму маъниҳои дақиқ ва ҳисобшудае доранд. Тафсилоти ин мавзӯъро дар китобҳои усули фиқҳ ва адабиёти Араб мулоҳиза мефармоед ва уламо дар заминаи масоили гуногуне, ки аз он гирифта мешавад, баҳс кардаанд.

## ЯК ПУРСИШИ АҚЛОНӢ

Хонандаи азиз, саросема нашав ва қаблан тааҷҷуб накун? Бо ман идома бидеҳ, лутфан, ба ин пурсишҳо посух

бидеҳ. Фарзандатро чӣ меномӣ? Оё исмеро барояш меписандӣ, ки аз диди шумо, ҳамсар ва хонаводаат маъниву далолати равшан ва дилкашу дӯстдоштанӣ дорад, ё ин ки ҳарчи пеш омад, хуш омад, ҳатто агар номи душманонат бошад?! Субҳоналлоҳ, воқеан шигифтангез аст, мо имрӯз дар ин асри ҷаҳолату ғафлат аз дин барои фарзандонамон исми маънидор ва дилкашу ҷаззоб интихоб мекунем, вале ҳозир нестем ин аслро дар мавриди беҳтарин инсонҳои рӯи замин, ки дар асри тиллоӣ зиндагӣ мекарданд, бипазирем ва мегӯем: на! Онҳо ба далелҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ маҷбур шуданд исми душманонашонро бар фарзандони худ бигзоранд, бидуни ин ки эҳсос ва отифаашон онҳоро роҳнамоӣ кунад!

## ҚАЗОВАТ БО ШУМО

Аҷиб аст, ки сарварони уммат ва оқилтарин инсонҳо ва соҳибони иззату ифтихор ва шуҷоат, ки илова бар шаҷараи тайиба (насаби шариф), шахсиятҳои онҳо низ ҳамчун нур медурахшад, аз оддитарин маонии инсоният маҳрум нигоҳ дошта мешаванд, то ҷое, ки ба онҳо иҷоза дода намешавад, ки фарзандонашонро ба номҳои писандида ва маҳбубашон номгузорӣ кунанд, балки маҷбур мешаванд номи душманонашонро бар фарзандонашон бигзоранд. Оё ин матлабро бовар карда мешавад? Шоёни зикр аст, ки ин номгузорӣ танҳо барои як фард набуд, балки аҳли байт маҷмӯае аз фарзандонашонро ба ин номҳо ифтихор бахшиданд ва ин номгузорӣ пас аз сипарӣ шудану фаромӯш кардани душманӣ набуда, балки ба иддаои онон дар авҷи душманӣ будааст, ки мо мегӯем: на, балки дар авҷи муҳаббат буда, зеро душмание дар байни эшон набудааст.

Ин масъала муҳим ва қобили таваҷҷӯҳ аст, ки бояд онро дақиқ мутолиа карду ба эътибор гирифт, зеро дар он далолатҳои фаровон ва низ рад бар тамоми достонҳои хаёлӣ ва афсонаҳои масмум ва хурофотӣ аст, ки дилҳои софи мусалмононро тира ва саффи маҳкам онҳоро пароканда кардааст. Ин ҳақиқат ба қадре равшан ва қобили фаҳм аст, ки ҳар инсони оқилу беғаразе ба осонӣ метавонад онро дарк кунад ва ҳар инсони бошуъуре, ки эҳсосу отифааш намурда бошад, хеле содда метавонад онро бифаҳмад ва маҳол аст, ки инсонҳои оқилу озода бипазиранд, ки ба ростӣ, ки ин номгузорӣ намоишӣ буда бошад ва имкони рад ва таъвиили он вуҷуд надорад.

## НАТИҶАГИРӢ

Аз ин рӯ, дар поёни бунбаст бо хати дурушт навиштааст: ишқу муҳаббат ва эҳтироми саҳоба ва аҳли байт нисбат ба якдигар чунон дар раг ва хуни онҳо омехта шуда буд, ки бӯи атру сафову самимияти он, то имрӯз низ машоми ҷаҳониёнро атрогин мекунад. Вале бемороне, ки ҳисси бӯйиданашон кор намекунад ва ҳамеша дучори зуком ва шамолхӯрдагӣ ҳастанд, аз бӯйидани ин неъмати бузург маҳруманд ва шояд даъво ҳам намоянд, ки бӯи бад ба машомашон мерасад. Рост мегӯянд, чун беморанд, зеро агар солиму тандуруст мебуданд, ташхис мекарданд, ки иддаои бӯи бад дурӯғ аст. Ҷаҳон атрогин аст, вале онҳо монанди кӯре ҳастанд, ки асокаши эшон дигаронанд ва Худо накунад, ки худи асокаш ҳам кӯр бошад!

## ВА ИНАК АСЛИ МАТЛАБ

Алӣ (ъ) аз фарти муҳаббаташ ба се халифа Абӯбакр, Умар ва Усмон (р) се фарзандашро бо номи гиромии онҳо

номгузорӣ мекунад. Абӯбакр (ъ) ибни Алӣ ибни Абӯтолиб, ки бо бародари бузургвораш имом Ҳусайн (ъ) дар саҳнаи Карбало ба шаҳодат мерасад. Умар (ъ) ибни Алӣ ибни Абӯтолиб, ки бо бародари бузургвораш имом Ҳусайн (ъ) дар ҳамосаи Карбало ширкат мекунад ва пас аз ҷиҳоду мубориза зинда бо имом Зайналобидин ба Мадина бармегардад ва наслаш идома пайдо мекунад.[1]

Усмон (ъ) ибни Алӣ ибни Абитолиб, ки бо бародари бузургвораш имом Ҳусайн (ъ) дар Карбало ба шаҳодат мерасад. Имом Ҳасани муҷтабо (ъ) низ се фарзандашро Абӯбакр (ъ), Умар (ъ), Талҳа (ъ) ном мегузорад, ки бо амакашон дар Карбало ба шаҳодат мерасанд. Имом Ҳусайн (ъ) низ фарзандашро Умар (ъ) ном мегузорад. Имом Зайналобидин (ъ) як духтарашро Оиша (с) ва як писарашро Умар (ъ) ном мегузорад, ки насли Умар ибни Зайналобидин идома пайдо мекунад.[2]

Ҳамчунин бақияи аҳли байт аз насли Аббос ибни Абдулмуталлиб ва насли Ҷаъфар ибни Абӯтолиб ва Муслим ибни Ақил ва дигарон, ки дар ин ҷо мо дар садади дарҷи тамоми ин исмҳо нестем, балки мақсуд фақат зикри намунаҳоест, ки матлаби мавриди назарро равшан кунад.

---

1. Воқидӣ менависад: “Насли ҳазрати Алӣ аз тариқи панҷ фарзанди эшон идома ёфт: Ҳасан, Ҳусайн, Муҳаммад ибни Ҳанафия, Аббос ва Умар (р).” Ниг. кун. “Маноқиби Оли Абӯтолиб” аз Ибни Шаҳрошӯб ҷилди 3, саҳ.350. “Умар ибни Алӣ ибни Абӯтолиб ҳаштоду панҷ сол умр дид.” “Ал-бидоя ва ан-ниҳоя”, ҷилди 11, саҳ.26. “Умар ибни Алӣ дар соли 67-и ҳиҷрӣ бо Мусъаб ибни Зубайр ба шаҳодат расид.” Таҳзибулкамол ҷилди 21, саҳ.468. (Мутарҷим)

2. Ниг.: Кашфу-л-ғумма, ҷилди 2, саҳ. 334. Ал-фусулу-л-муҳимма, саҳ.283. Ҳамчуноне ки ин номҳоро дар насли тамоми имомон мулоҳиза мефармоед ва уламои шиъа ин исмҳоро зикр кардаанд. Ба таври мисол, ниг: Аълому-л-варо-и Табрисӣ, саҳ.203, Иршоди Муфид, саҳ.186, Таърихи Яъқубӣ, ҷилди 2, саҳ.28.

## МУНОҚИША

Баъзе шиъаён мункири ин ҳақиқат ҳастанд, ки Алӣ ва фарзандонаш (ъ) фарзандони худашонро ба ин номҳо номгузорӣ кардаанд. Албатта инҳо фақат касоне ҳастанд, ки ё иттилоъ надоранд, чун мутолиа намекунанд ва бо китобҳо сарукоре надоранд ё ин ки худро ба нодонӣ мезананд ва қасдан аз рӯи иноду саркашӣ ин ҳақоиқи равшанро инкор мекунанд. Хушбахтона, бисёре аз имомон ва уламои бузурги шиъа ин гуна ҷаҳолати мақсуд ё ғайри мақсудро рад кардаанд, зеро далелҳои вуҷуди ин номҳои муборак қатъӣ ва яқинӣ аст, чун наслҳои онҳо идома дорад. Балки худи китобҳои шиъа, ки ҷараёни ҳодисаи Карбалоро нақл мекунанд, гувоҳӣ медиҳанд, ки Абӯбакр ибни Алӣ ибни Абӯтолиб ва Абӯбакр ибни Ҳасан ибни Алӣ ва Умар ибни Алӣ ва Усмон ибни Алӣ (ъ) дар канори имом Ҳусайн (ъ) ба шаҳодат расиданд.

Оре, инҳо шуҳадои саҳнаи Карбало ҳастанд, ин амрро худи бародарони шиъа дар китобҳояшон овардаанд. Шояд шумо бипурсед, пас чаро дар ҳусайнияҳо аз ин қабил шуҳадо исме бурда намешавад ва дар дастаҳои азодорӣ касе номи онҳоро намебарад?! Табиист, бояд ҳам бипурсед, аммо посухи ин гуна пурсишҳоро набояд мо бидиҳем, аз касоне бипурсед, ки бештар аз мо иддаои ҳубби аҳли байт доранд, ки ба ростӣ чаро аз ин қаҳрамонони аҳли байт ҳеҷ хабаре нест, дар ҳоле, ки Умар ибни Алӣ ибни Абӯтолиб ва Умар ибни Ҳасан ибни Алӣ аз шуҷоътарин ва ҳамосаофаринтарини мардони он саҳнаи таърихӣ буданд.

## ХУЛОСА

Хулоса, ин ки масъалаи номгузории имомони аҳли байт фарзандонашонро ба номҳои ифтихорангези Абӯбакр, Умар, Усмон, Оиша, Талҳа, Зубайр, Муовия ва дигар бузургони саҳоба (р) яке аз масоили муҳимест, ки дар қомуси ташаюъи навин ҳеҷ посухе барои он наметавон ёфт. Мумкин нест, агар бигӯем онҳо бидуни дар назар доштани маънову мафҳум исми фарзандонашонро ба ин номҳои гиромӣ ва фахрофарин номиданд, ҳеҷ ақли солиме бовар намекунад ва инро ҳам наметавон гуфт, ки ин як дасиса ва созиши ҳисобшуда аз тарафи аҳли суннат аст, ки аз қадимулайём дар китобҳои шиъа даст бурдаанд ва ин гуна матолибро дар онҳо ҷой додаанд! Зеро маънои ин гуфта таън ва мавриди шубҳа қарор додани ривоёт ва китобҳои ташайюъ аст, бинобар ин, ҳар ривояте, ки шиъаён аз он хушашон наёмад, бигӯянд, ин дасисаву созиш аз сӯи аҳли суннат аст.

Дар ин сурат ҳар кас ҳар ривоятеро, ки мувофиқи майлаш набуд, метавонад ба ҳамин соддагӣ рад кунад ва бигӯяд, ки тавтиа (найранг) аст, бахусус дар мактаби ташайюъ ҳар муҷтаҳиди зиндае хел ба осонӣ метавонад ҳар ривоятеро, ки хост рад кунад ва онро напазирад, чун худаш муҷтаҳид аст ва ҳеҷ қонун ва зобитае ҳам вуҷуд надорад, ки ӯро боздорад. Кадом шахс бовар мекунад? Аз чизҳои бисёр хандаовар ин аст, ки мақсуд аз номгузорӣ ба номҳои асҳоби бузург дашному таҳқир ва лаъну нафрини онҳо будааст. Ҳамчунон ки фармуданд: ҳадаф аз номгузорӣ ба исмҳои ин чеҳраҳои таърихсоз ба даст овардани дили омма (аҳли суннат) будааст, яъне имомон номи фарзандонашонро ба исми душманонашон гузоштаанд, то ин ки инҳоро тавҳин (таҳқир) кунанд ва дар ниҳоят душманонашон мавриди иҳонату таҳқир қарор

гиранд ва ё ин ки мардум тасаввур кунанд, ки имом халифаҳои Расули Худо (с)-ро дӯст медорад, яъне ин ки тақия кардааст. Баҳ-баҳ!!!

Чӣ шахсияте аз имом месозем! Имом, яъне касе, ки ҳар кораш бар хилофи эътиқодоташ аст, то ин ки ёрони худаш ва дигар мардумонро бифиребад ва ба онҳо вонамуд кунад, ки душманонашро дӯст медорад, дар ҳоле ки душмани онҳост ва аз рӯи тарс чунин мекунад! Чӣ гуна имом таърихи оянда ва наслҳои баъд аз худро ҳайрону сардаргум мегузорад ва наъузу биллоҳ бо ин ҳилаҳову тарфандҳо, ки бо иззату каромат ва шуҷоату ахлоқи хонадони нубувват мухолифат дорад, ба худаш ва хонадонаш иҳонату таҳқирро раво медорад, чаро? Фақат барои ин ки бани Тамим ё бани Адй ё бани Умайяро аз худаш розӣ нигоҳ дорад.

Касоне, ки бо сирати поки имомон (ъ) ошноӣ доранд, яқинан медонанд, ки аима (имомон) аз шуҷоътарини мардум буданд, бар хилофи ривоёти дурӯғин ва сохтае, ки аимаро мардони буздиле, тарсӯ ва дурӯғгӯ муаррифӣ мекунанд, ки на барои динашон интиқом мегиранд ва на обрӯ барояшон муҳим асту на иззату каромат барояшон маъное дорад. Мутаассифона, чӣ қадар зиёд аст ин қабил ривоятҳое, ки ба номи дин ба мардум тақдим шуду мардум бо чи ихлосу покдилӣ онҳоро пазируфтаанд.

## НАТИҶА

Коре, ки аима (Алӣ ва фарзандонаш) (ъ) кардаанд, аз қавитарин далелҳои ақливу равонӣ ва ҳақиқӣ аст, ки сидқи муҳаббати оли байт (ъ) бо халифаҳои рошидин (р) ва дигар асҳоби Паёмбар (с)-ро баён менамояд. Шумо шахсан, ин ҳақиқатро мушоҳида карда истодаед ва аслан ҷои ҳеҷ гуна

инкор ва шакку тардид вуҷуд надорад ва ин воқеият иршоди пок ва муназзаҳи Худовандро айният мебахшад, ки фармуд: **Муҳаммад Расули Худост ва касоне, ки бо ӯянд, бар кофирон сахтгир ва дар миёни худ меҳрубонанд. Онҳоро дар ҳоли рукӯъ ва саҷда мебинӣ, ки аз Худованд фазл ва хушнудӣ меҷӯянд. Нишонаи дурусткории онон аз асари саҷда дар чеҳраҳояшон пайдост.**

*(Фатҳ: 29)*

Хонандаи азиз! Лутфан, оятро дубора бо диққат тиловат кунеду маънову мафҳуми онро тасаввур кунед ва дар сифати раҳмат, ки дар ояи карима омада **(руҳамоу байнаҳум)** бештар бияндешед, бубинед, ки ба чӣ натиҷае мерасед.

## Матлаби дуввум

# МУСОҲАРА Ё ПАЙВАНД КАРДАН

Хонандаи гиромӣ, дӯст медорӣ фарзандатро, ҷигаргӯшаатро, пайванди қалбатро, духтари азизатро ба кадом шахсе, ки бошад, медиҳӣ? Оё розӣ мешавӣ, ки ӯро ба хонаи марди фосиқ ва ҷинояткор, балки ба хонаи қотили модараш ё бародараш бифиристӣ? Калимаи домод барои шумо чӣ маънӣ дорад? Шумо ҳозиред ҳар касро ба домодии худ интихоб кунед? *Мусоҳара* дар луғати арабӣ аз решаи *соҳара аст*, ки вақте ду хонавода барои барқарор кардани равобити иҷтимоӣ ва пайванди зашонӯӣ байни писар ва духтар ё зан ва мард бо ҳамваслат ва хешовандӣ барқарор мекунанд, ин васлатро дар арабӣ *мусоҳара* мегӯянд.

Сиҳр, яъне домод, вале дар арабӣ маънои аз ин васеътар дорад. Сиҳри мард, яъне хешони занаш ва сиҳри зан, яъне хешони шавҳараш. Хулоса ин ки мусоҳара дар арабӣ ба хешони зан гуфта мешавад ва гоҳе ба хешони мард низ гуфта мешавад ва Худованд ин мусоҳараро ҷузъи нишонаҳои қудрати худаш қарор дода, чунончи мефармояд: **“Ва Ӯ Зотест, ки аз об башаре офарид. Он гоҳ онро дорои пайванди насабӣ ва сababӣ қарор дод ва Парвардигорат тавоност.”**

Дар ояи карима диққат кунед, ки чӣ гуна Худованд инсонро мавҷуде офарида, ки бо атрофиёни худаш аз рӯи насаб ва мусоҳара робита дошта бошад ва хонавода ва иҷтимоъро ташкил диҳад. Пас, мусоҳара робитаи шаръӣ аст, ки Худованд онро дар радифи насаб зикр кардааст.

Насаб ба хешу табори падар низ гуфта мешавад. Баъзе донишмандон мӯътақиданд, ки насаб мутлақи қаробат ва хешовандӣ аст. Пас, вақте мебинед, ки Худованд насаб ва сиҳр (домод)-ро дар радифи ҳам зикр карда, бидонед ки ин амр баёнгари матолиби бисёр амиқест, ки набояд аз он ғофил шуд.

## МУСОҲАРАИ ПЕШ АЗ ИСЛОМ

Мусоҳара дар назди арабҳо аз аҳамияти вежае бархурдор аст. Онҳо ба насаб ифтихор мекунанд, ҳамчуноне ба домодҳо ва мавқеияту манзилати онҳо ифтихор мекунанд. Аз ҳамин ҷиҳат машҳур аст, ки арабҳо касеро, ки аз худашон шаъну манзилати комилтаре дошта бошад, ба домодии худ қабул намекунанд, балки дар бисёр миллиятҳову қавмҳои ғайри Араб низ вазият ба ҳамин минвол аст. Бинобар ин, андешаҳои миллатгароии имрӯз яке аз душвортарин ва буғранҷтарин мушкилоти иҷтимоии ғарб ба шумор меравад. Бахусус, арабҳо дар бораи зан ғайрат ва ҳассосияти хосе доранд. Ҳамин амр боис шуда буд, ки духтарони навзод ва маъсумашонро зинда дар гӯр кунанд, ки мабодо касе ба онҳо тавҳину таҳқир кунад. Бар сари ин мавзӯъ чӣ басо ҷангҳо дармегирифт ва хунҳо мерехт, ки осори он то имрӯз низ вуҷуд дорад. Гумон мекунам ин ишоратҳои кӯтоҳ ҷиҳати баён ва фаҳмондани матлаб кофист.

## МУСОҲАРА ДАР ИСЛОМ

Вақте Ислом омад, ҳама хубиҳо ва сифоти ҳамидаро барқарор намуд ва аз ҳама зиштиҳо наҳй фармуд. Худованди муттаъол баён намуд, ки меъёри арзишҳо фақат

тақво ва Худотарсӣ аст. **“Гиромитарини шумо дар назди Худованд, парҳезгортарини шумост.”**

*(Ҳуҷурот: 13)*

Ин меъёр бахше аз дидгоҳи шариат аст, ҳамчунон ки фуқаҳои бузургвор мавзӯъи қуфъ ё кафоат (ҳамсатҳ будан) дар дин, насаб, ҳирфаву касб ва матолиби мухталифе, ки ба он тааллуқ мегирадро мавриди баҳс қарор додаанд. Аз ҷумла, ин ки оё кафоат (мусовӣ будани зан ва шавҳар) аз шартҳои саҳиҳ шудани ақди никоҳ аст ё аз шартҳои лузуми он? Ва ин ки оё ин ҳаққи зан аст ё авлиёи умури ӯ (Падар, бародар, амаку тағо) низ дар он ҳаққи даҳолат доранд? Ва матлабҳои дигаре, ки дар боби никоҳ матраҳ мегардад.

## ШАҲИДИ ОБРӮ

Ва аммо дар масъалаи ҳифзу нигаҳдории ирз, обрӯ ва ғайрат нисбат ба занон, Расули акрам (с) касеро, ки дар дифоъ аз обрӯи худаш кушта шавад, шаҳид гуфтаанд, балки ҷанги дифоъ аз обрӯ ва ҳайсиятро худи Паёмбари Худо (с) фармондиҳӣ кардаанд. Достони машҳуре, ки яҳуди бани Қайнуқоъ бо ҳила ҳиҷоби зани мусалмонеро кашиданд ва бад-ин васила аҳдашонро шикастанд ва бо Расули Худо (с) эълони ҷанг карданд, хеле маъруф аст.

Асли воқеа чунин буд, ки як зани мусалмон вақте мехост аз як марди яҳудӣ тилло бихарад, яҳудӣ аз ӯ хост, ки чеҳраашро боз кунад. Зан напазируфт. Он яҳудӣ дар ҳоле, ки зан нишаста буд ва бидуни ин ки эҳсос кунад, гӯшаи чодарашро ба чизе баст, ки вақте аз ҷояш баланд шуд, рӯяш боз шуд. Зан фарёд кашид ва кӯмак талабид. Ҷавони мусалмоне, ки дар он наздикӣ буд, омад ва марди яҳудиро кушт. Аз он сӯ ҳам яҳудиҳо ҷамъ шуданд ва ҷавони мусалмонро куштанд.

Ин достони воқеӣ ҳамин нуктаро бозгӯ менамояд, ки ҳимояи номус чӣ нақши муҳиме дар ҷомеаи исломӣ дошта ва дорад. Дар пайи ҳамин воқеа буд, ки Расули Худо (с) бар асари паймоншикании яҳуди бани Қайнуқоъ бо онон ба ҷанг пардохтанд.

Оре, хонандаи гиромӣ! Илова бар ин, баъзе аҳкоми шаръӣ мисли шарт будани валӣ дар ақди никоҳ ва шоҳид гирифтан дар никоҳ, балки ҳадди қазф (тӯҳмат) ва ҳадди зино ва дигар аҳкоме, ки ҳамагӣ баёнгари аҳамияти иззат ва обрӯву ҳайсияти инсони мусалмон аст, нишон медиҳад, ки шариат чӣ қадар ба ҳифзи обрӯ ҳассос аст. Агар дар ин аҳком ва дар ҳикмат, фалсафа ва паёмадҳои онҳо бияндешед ва диққат кунед, аҳамияти мавзӯъ худ ба худ барои шумо ошкор мешавад.

## АҲАМИЯТИ ХОСТГОРӢ

Аҳкоми зиёде бар мусоҳара изофа мегардад. Аслан, дар худи машруъияти ақди никоҳ (ки Қуръон аз он ба мисоқи ғализ таъбир фармуда) диққат кунед, ки мард чӣ гуна ва бо чӣ шароит ва одобе аз зане хостгорӣ мекунад ва чӣ аҳкоми зебову пандомезе бар он мураттаб мешавад; мумкин аст хостгории ӯ пазируфта ва мумкин аст рад шавад. Бубинед марди хостгор чӣ гуна аз хонавода ва хешону ошноёнаш барои барқарор намудани равобити расмӣ ва ба даст овардани мувофиқати хонаводаи арӯс талош мекунад ва хонаводаи арӯс бо чӣ диққате баррасӣ мекунанд, фикр мекунанд, машварат мекунанд, дар бораи домод таҳқиқ мекунанд? Ва дар ниҳоят ҳеҷ маҷбурияте ҳам надоранд, мумкин аст мувофиқат кунанд ва ё бо камоли ихтиёр ва ҷуръату шаҳомат мухолифати худашонро эълон мекунанд, ҳатто агар домод тӯҳфаҳое фиристода бошад, ё миқдоре маҳри муқаддам пардохта бошад ё ҳар эҳсони

дигаре низ ба онҳо карда бошад, эшон ихтиёр доранд ҳазор бор бияндешанд, ки оё шоистааст дасти азиз ва ҷигаргӯшаашонро ба дасти ин мард бидиҳанд ё на?

Илова бар он, ақд бояд шоҳиду гувоҳ дошта бошад ва никоҳ бояд эълон шавад, чаро? Зеро аҳком ва паёмадҳои бисёр муҳиму сарнавиштсозе бар он мураттаб мегардад. Никоҳ дурҳоро наздик ва бегонаҳоро бо ҳам ошно мекунад ва ба муҷарради ин ки ақди издивоҷашон баста шавад, бисёри занони дигар бар домод ва бисёри мардони дигар бар арӯс ҳаром мегардад. Ин китоби кӯтоҳ зарфияти тафсилу шарҳи бештарро надорад, фақат мақсуд баёни аҳамияти мавзӯъ аст ва заминасозӣ барои матлабе, ки ҳоло баён мегардад. Бинобар ин, ҳоло шумо ба матлаби зайл бияндешеду диққат кунед.

## МУБОРАКБОД

Хоҳари имом Ҳасани Муҷтабо ва имом Ҳусайн сайидушшуҳадо, духтари Фотимаи Заҳро Уммикулсум (ъ)-ро падараш амири мӯъминон Алӣ ибни Абӯтолиб (р) ба издивоҷи Форуқи аъзам, Умар ибни Хаттоб (р) дармеоварад.[1]

Оё шоиста аст, бигӯем, ки Алӣ аз тарси Умар ин корро кард? Пас шуҷоаташ куҷо буд? Дӯстӣ ва муҳаббаташ бо духтари азизаш куҷо шуд? Оё Алии Муртазо дасти духтарашро ба дасти золиме месупорад? Ғайраташ дар бораи дини Худо куҷо рафт? Пурсишҳои зиёде, ки поён надорад, ё ин ки ночор бояд эътироф кунем, ки чун Алӣ Уммарро хуб мешинохт ва ба ӯ эътимод дошт ва низ бо ӯ улфату муҳаббати зиёд дошт. Аз ҳамин ҷиҳат, хост ба ин

1. Таърихи ин издивоҷи муборак моҳи Зилқаъдаи соли 17 ҳиҷрӣ буд. (Таърихи Табарӣ, ҷилди 2, саҳ.564).

тариқа шахсияти ӯро қадрдонӣ кунад. Оре, бидуни шакку шубҳа Умар бо майлу рағбати худи Алӣ ва хонаводааш бо духтари духтари Расули Худо (с) издивоҷ кард ва издивоҷашон комилан шаръӣ, саҳеҳ, аланӣ ва ихтиёрӣ буд. Ин худ баёнгари матлаби зайл аст, ки ин ду хонавода чӣ қадар якдигарро дӯст медоштанд ва ба якдигар эҳтирому қадрдонӣ қоил буданд ва фазои саршор аз улфату муҳаббат дар миёни онҳо ҳоким буд. Чаро чунин набошад, дар ҳоле, ки худи Расули акрам (с) домоди Умар (р) буд. Бинобар ин, робитаи гарми иҷтимоӣ байни хонаводаи Паёмбари Худо (с) ва хонаводаи Умар (р) қабл аз ин издивоҷ ҳам барқарор буд.

## ИМОМ СОДИҚ НАБЕРАИ АБӮБАКР

Намунаи дуввум: фармудаи имом Ҷаъфари Содиқ (ъ) кофӣ аст, ки фармуданд: *"Валаданӣ Абӯбакрин марратайни."*

-Яъне: Абӯбакр маро дубор таваллуд кардааст. Оё медонед модари имом Содиқ (ъ) кист? Умми Фарва, духтари Қосим ибни Муҳаммад ибни Абӯбакри Сиддиқ (р) аст.[1]

Оё аҳамият додаед, ки чаро имом Содиқ (ъ) фармуданд Абӯбакр ва нагуфтанд Муҳаммад ибни Абӯбакр? Оре, ин сароҳат ва бозгашт ба бобии бузургвори хонаводаи Сиддиқӣ (р) ба далели ин буд, ки баъзе шиъанамоён фазилати Абӯбакри Сиддиқ (р)-ро инкор мекарданд, бар хилофи Муҳаммад писари ҳазрати Абӯбакр, ки шиъаён дар бораи фазли ӯ муттафиқанд. Ба Худо, шумо фикр кунед

---

1. Ва модари Умми Фарва Асмоъа бинти Абдураҳмон ибни Абӯбакр (р) аст. Ниг: Умдату-т-толибин. Саҳ, 195, чопи Теҳрон ва Усули Кофӣ, ҷилди 1, саҳ.472.

ва бияндешед, ки инсон ба чӣ касе ифтихор мекунад?! Хонандаи гиромӣ, ҳар касе андак мутолиаву огоҳӣ дошта бошад, равобити хешовандии насабӣ байни саҳоба (р) аъам аз муҳоҷир ва ансорро дарк мекунад. Ин равобит ба қадре самимӣ ва густурда буд, ки ҳатто маволӣ ва бардагони саҳоба аз ашроф ва бузургони Қурайш зан гирифтанд. Зайд ибни Ҳориса (р) саҳобие, ки номаш дар Қуръони карим омада, ҳамсараш кист?

Зайнаб бинти Ҷаҳш (р), ки баъдҳо ифтихори уммулмӯъмининро касб намуд. Усома ибни Зайд (р) ғуломи маъруф, ки Расули Худо (с) Фотима бинти Қайси қурайширо ба ҳамсарии ӯ доданд.

Солим бардаи Ҳузайфа (р), ки ҳазрати Ҳузайфа духтари бародараш Ҳинд бинти Валиди қурайширо ба ҳамсарии ӯ дод, дар ҳоле, ки падари вай аз сардорони Қурайш буд. Агар аз мусоҳараву хешовандӣ дар байни саҳоба сухан бигӯем, мавзӯъ бисёр тӯлонӣ хоҳад шуд. Бинобар ин, ба овардани ҳамин чанд намунае аз издивоҷҳои самимона байни аҳли байт ва хулафои рошидин (р) иктифо мекунем. Чунончи гуфтем, ки Умари Форуқ (р) бо Уммикулсум, духтари ҳазрати Фотимаи Заҳро, духтари гиромии Расули Худо (с) издивоҷ карда, чи тавре, ки модари имом Ҷаъфари Содиқ (ъ) аз ҳар ду тараф набераи Абӯбакри Сиддиқ (р) аст.

## РОҲБАРИИ АҚЛ

Пас хонандаи гиромӣ, беҳтар ин аст, ки аз васвасаи шайтон барҳазар бошем ва ҷиддиву амиқ бияндешем. Мо мусалмонем ва ҳар мусалмон мукаллаф аст, ки аз ақли худаш кор бигирад. Зеро оятҳои бисёр аст дар Қуръони карим, ки инсонро ба тафаккуру андеша кардан фаро мехонад, ки ин ҷо ҷои тафсилу баёни он нест. Аз ин рӯ,

бояд аз ақл кор гирифту доираи тафаккуру андешаро густариш дод ва аз тақлиди кӯркӯрона парҳез намуд. Барои инсони оқил ва доно, ки Худованд ба ӯ ақли солим ато фармуда, зишт аст, ки бидуни тафаккуру тадаббур ҳар суханеро пеш аз таҳқиқу санҷиш бипазирад. Хусусан дар боби эътиқодот, ки набояд иҷоза диҳем сарнавишти доимӣ ва абадии мо насанҷида рақам бихӯрад. Зиндагии охират ва эътиқодоте, ки бар асоси он масири саодат ё бадбахтии инсон муайян мешавад, шӯхибардор нест. Пас Худоё, аз шарри ҳама шайтонҳои инс ва ҷин ба Зоти шунаво, доно ва ҳакиму тавонои Ту паноҳ меҷӯем.

Хонандаи мӯҳтарам, оё шумо розӣ мешавед, ки падарон ва падарбузургони шумо дашном дода шаванду мавриди иҳонату таҳқир қарор гиранд ва гуфта шавад духтари шуморо ба зӯр ва бар хилофи майли хонавода ва оилаву хешовандонаш дар ҳоле, ки шумо (падараш) ҳозир ва зиндааст, издивоҷ намудаанд? Оё шумо инро барои худ announcements мannouncements

## ДАЛЕЛҲОИ ИН ИЗДИВОҶИ ТАЪРИХӢ

Инак, қабл аз мабҳаси саввум нусус ва ривоятҳоеро аз китобҳои мӯътамади бародарони ташайюъ ва аз уламои бисёр мӯътабари эшон аз назари шумо мегузаронем, ки дар онҳо исботи издивоҷи Умари Форуқ бо Уммикулсум, духтари гиромии Алӣ ва ҳазрати Заҳро (р) ба равшанӣ ба чашм мехӯрад.

## ЭЪТИРОФИ АВВАЛ

Сафиюддин Муҳаммад бин Тоҷуддин, маъруф ба Ибну-т-Тақтақӣ ал-Ҳуснӣ (соли вафоташ 709 ҳиҷрӣ) насабшинос ва муаррихи маъруф дар китобе, ки таълифи онро ба Асилуддин Ҳасан писари Хоҷа Насируддин Тӯсӣ, вазири Ҳалокӯ тақдим намуда ва онро ба исми худаш номгузорӣ карда, дар поёни унвони "Баноти амирулмӯъминин Алӣ (ъ), менависад: Яке дигар аз духтарони амирулмӯъминин Уммикулсум мебошад, ки модараш Фотима духтари Расули Худо (с) аст, ки Умар ибни Хаттоб бо вай издивоҷ кард ва фарзанде ба номи Зайд аз ӯ ба дунё овард ва пас аз Умар ба ақди Абдуллоҳ ибни Ҷаъфар даромад."

## ЭЪТИРОФИ ДУВВУМ

Муҳаққиқ Сайид Маҳдии Раҷоӣ матолиби бисёре нақл карда, аз ҷумла таҳқиқи Абулҳасани ал-Амрӣ аз набераҳои Умар писари имом Зайнулобидин (ъ) дар китобаш "Ал-маҷдӣ" менависад. "Он чи аз ин ривоёт метавон бад-он эътимод кард, матлабест, ки акнун аз назар гузашт, ки Аббос ибни Абдулмуталлиб Уммикулсумро бо ризоият ва

иҷозаи падараш ба издивоҷи Умар даровард ва аз Умар фарзанде ба номи Зайд ба дунё овард.” Муҳаққиқи мазкур қавлҳои дигаре низ нақл карда, аз ҷумла: Зане, ки Умар бо ӯ издивоҷ карда, шайтоне буда! Ё мумкин аст издивоҷ карда, вале бо ӯ ҳамбистарӣ накарда! Ё ин ки ба зӯр ва бо ғасб бо ӯ издивоҷ кардааст!

## ЭЪТИРОФИ САВВУМ

Мулло Боқири Маҷлисӣ менависад: “Ҳамчунинаст ин кори шайх Муфид аз асли ҷараёни издивоҷ. Ин барои баёни ин матлаб аст, ки он (издивоҷ) аз тариқи онҳо собит нашудааст ва илло баъд аз вуруди он ривоятҳо ва ривоёти дигаре, ки бо санад хоҳад омад, ки Алӣ (ъ), ҳангоме ки Умар вафот кард, назди Уммикулсум омад ва ӯро бо худ ба хонаи худаш бурд ва ривоятҳои дигаре, ки аз “Биҳору-л-анвор” овардаам, ин инкор аҷиб менамояд. Асли ҷавоб ин аст, ки ин издивоҷ аз рӯи тақия ва изтирор (маҷбурӣ) будааст.”

*(Миръоту-л-уқул, ҷилди 2, саҳ.45)*

## ЭЪТИРОФИ ЧАҲОРУМ

Инсоф ҳам хуб аст, соҳиби “Усули Кофӣ” чандин ҳадис дар китобаш овардааст аз ҷумла “Муовия ибни Аммор мегӯяд аз имом Содиқ (ъ) пурсидам, зане, ки ҳамсараш вафот кунад, бояд дар хонааш (идда) биншинад, ё ҳар ҷое ки хост? Фармуд: балки ҳар ҷое, ки хост. Алӣ (ъ), ҳангоме ки Умар вафот кард, Уммикулсумро бо худ ба хонаи худаш бурд.”

## ЭЪТИРОФИ ПАНҶУМ

Хонандаи азиз, бо баъзе уламои муосири ташайюъ дар бораи ин издивоҷ сӯҳбат кардам, аз беҳтарин рудуде (радҳое), ки онҳо барои тавҷеҳи ин издивоҷ навиштаанд, ради қозии маҳкамаи авқоф ва маворис шайх Абдулҳамид ал-Хатӣ дар Қатифи Арабистон, ки намояндаи чандин марҷаъи бузурги тақлид дар Арабистони Саъудӣ аст, мегӯяд: “Ва аммо ин ки қаҳрамони ислом имом Алӣ (ъ) духтараш Уммикулсумро ба издивоҷи Умар даровара, ҷои тааҷҷуб надорад, зеро Расули акрам (с) барои ҳар фарде аз мусалмонон усваи ҳасана (намунаи хуб) ҳастанд. Эшон бо Умми Ҳабиба, духтари Абӯсуфён издивоҷ карданд, дар ҳоле, ки шахсияти Абӯсуфён дар баробари Умар аслан қобили муқоиса нест! Ин ки дар бораи издивоҷи Умар бо духтари Алӣ изҳори шакку тардид мешавад, ҳеҷ тавҷиҳе надорад ва аммо ин гуфтаи шумо, ки Умар бо ҷинние издивоҷ карда ё ҷиннӣ ба шакли Уммикулсум дар хонаи Умар буда, ҳам хандаовар ва ҳам гиряовар аст ва ба қадре масхара аст, ки арзиши зикр кардан ҳам надорад. Агар қарор бошад, дунболи ингуна сафсатаҳо бигардем, бисёр аст.”[1]

Шайх пиромуни баҳси мазкур, яъне, нақши мусоҳараву хешовандӣ дар пайвандҳои иҷтимоӣ чизе нагуфта ва ҳатто ишорае накарда, ки ин гуна пайванди иҷтимоӣ дар воқеъ ҷуз бо қаноату бооварӣ таҳаққуқ намеёбад ва дар он далолати рашану ошкоре бар муҳаббату улфат байни ду хонаводаи арӯсу домод вуҷуд дорад. Хонандаи азиз, бар шумо пӯшида нест, ки байни издивоҷи марди мусалмон бо зани аҳли китоб ва байни издивоҷи марди аҳли китоб бо зани мусалмон чи қадар фарқи ошкор вуҷуд дорад, ки аввалӣ ҷоиз ва дуввумӣ ноҷоиз аст, диққат кунед.

---

1. Дар номае, ки қозии мазкур бароям фиристодааст. Муаллиф.

# ХУЛОСА

Мусоҳараву хешовандӣ байни саҳобагони Паёмбари Худо (с) бисёр равшану ошкор аст, бахусус байни хонадони Алӣ (ъ) бо хонадони хулафои рашидин (р). Ҳамчунон, ки мусоҳира байни бани Умайя ва бани Ҳошим қабл аз Ислом ва баъд аз Ислом бисёр маъруф аст, ки боризтарини он издивоҷи Расули акрам (с) бо духтари Абӯсӯфён аст. Мақсуди мо дар ин ҷо ишора ба дастовардҳои равонӣ ва иҷтимоии мусоҳара буд, ки аз бузургтарину боризтарини он муҳаббати байни ду тарафи хешу табор аст. Умедворем ҳамин миқдоре, ки ба арза расондем, кофӣ бошад.

## Матлаби саввум

# ДАЛОЛАТИ СИТОИШ

Хонандаи гиромӣ! Оё иттифоқ афтода, ки шумо дар ғурбат ва дур аз хонаводаву хешовандон ё аслан дур аз шаҳри худатон ба мардуми ҳамдард зиндагӣ карда бошед? Ин солҳои ғурбатро чи гуна гузарондед? Ё бо ин ёрони ҳамдард ва ҳамсафар, ки сирфан бар асоси ақида, яъне пайванди маҳками ақл ва отифа бо ҳам ҷамъ шуда будед, чӣ гуна зиндагӣ мекардед? Назари шумо дар бораи касе, ки тамоми ин шароити душворро гузаронида чист? Ҳоло биёед гурӯҳеро тасаввур кунед, ки ҳама бо ҳам ёри самимӣ ва меҳрубон буда ва дар ҳар сахтӣ ва озмоиш дар канори ҳам будаанд, балки беҳтарин инсони намунаи таърих Муҳаммади Мустафо (с) бо онон ҳамсафар будааст. Оре, асҳоби Паёмбар (с) бахусус собиқини аввалин, яъне сабқатгирандагони дар имон чунин зиндагиеро озмудаанд. Зиндагии иҷтимоии онҳо як намунаи хос ба фард дар тамоми таърихи башар аст. Касе ки ошноии андаке бо сирати муаттари Расули акрам (с) дошта бошад, ин ҳақиқатро ба равшанӣ дармеёбад.

# НИГОҲЕ БА ГУЗАШТА

Хонандаи азиз, шумо дар ҳоле, ки ин саҳифаҳоро мехонед, тасаввур кунед дар он мақтаъ аз таърих ба сар мебаред. Ҳангоме ки Паёмбар (с) дар Макка ва дар Дори Арқам буданд ва даъвати ислом пинҳонӣ буд. Сипас, вақте

ки ислом по гирифт ва ошкор шуд, сипас, ҳангоме ки саҳобагони ҷонбозашон тибқи дастури набавӣ ва илоҳӣ озими сафари ҳиҷрат ва ғурбат ба Ҳабаша ва сипас ба Мадинаи тайиба шуданд ва тамоми молу доройӣ ва ватану хонаҳо ва бастагонашонро раҳо карданд. Тасаввур кунед, ки дар он шароити сахт, роҳҳои дур ё бо шутур ва ё пиёда, гуруснагӣ, тарс, муҳосира, ҳаштсад километр роҳи пиёда то Табук дар ҳавои гарму сӯзон, набардҳои таърихсоз ва пирӯзиофарини Бадр, Уҳуд, Хайбар, Хандақ, Ҳунайн, Табук ва пеш аз он Макка ва... Акнун осори равонии ин зиндагии пурмоҷароро тасаввур кунед, ба назари шумо чӣ фазое аз дӯстиву муҳаббат ва ҷонфишониву самимият бар онҳо ҳукмфармо будааст. Фаромӯш накунед, ки дар тамоми ин сафари тӯлонӣ Расули акрам (с) бо онҳо ҳамроҳ буда, на танҳо ҳамроҳ, балки роҳбару фармондеҳ ва устоду муаллим ва мураббии онҳо буданд.

Ҳамчунин дар зеҳн дошта бошед, ки ваҳй аз сӯи Парвардигори осмонҳо ва замин бар роҳбари ин гурӯҳи намунаи таърих, Расули бузургвори Ислом (с) ҳамвора сарозер будааст. Дар бораи инҳо диққат кунед, дилҳояшон чи гуна бо қалби поку пурнури Паёмбари Худо (с) пайванд хӯрда буд. Тасаввур кунед, гурӯҳе, ҷамоате, дастае, ҷомеае, ки дилҳояшон бар асоси ҳубби Худо ва Паёмбар (с) бо ҳам ҷамъ шуда ва шахси гиромии Паёмбар (с) бо ёрии ваҳйи илоҳӣ ба тарбияту сарпарастии онҳо машғул буда ва ҳамвора бар суфраи ифтихори нузури Қуръон гирди ҳам менишастанд, чунин гурӯҳе, чунин дастае, чунин анҷумане чи ҳолу ҳавое доштаанд. Бахше аз ин фазои оганда аз отифаву самимият ва саршор аз муҳаббату фидокорӣ ва ҷоннисориро дар аввали китоб овардем. Бидуни шак он чи, ки метавонад бар чунин ҷомеае ҳукмфармо бошад, муҳаббату хунгармӣ ва якдилӣ будааст.

## ГУВОҲИИ ҚУРЪОН (1)

Чунончӣ Худованди муттаъол аз падид овардани ин лолазори ваҳдату муҳаббат чунин мефармояд: **“Ба ёд оваред неъмати Худовандро бар худ, ҳангоме ки бо ҳам душман будед ва Худованд дар миёни дилҳои шумо улфат андохт, ки дар натиҷаи *(ин)* неъмати Худованд бо ҳам бародар шудед.”**

*(Оли Имрон: 103)*

Лутфан, каме диққат кунед, Худованди муттаъол гувоҳӣ медиҳад, ки дар миёни дилҳои саҳобагони Расули акрам (с) улфату муҳаббат андохтааст. Ин икрому инъом ва эҳсоне аз ҷониби Худованд бар саҳобагони нозанини Расули акрам (с) мебошад, ки ҳеҷ кас наметавонад монеъи ин фазлу эҳсон гардад. Оре, пеш аз боридани борони раҳмати Ислом ва сӯҳбату ҳамнишинӣ бо Паёмбар (с) ду қабилаи Авс ва Хазраҷ бо ҳам душман буданд ва оташи ҷанг ҳамеша дар миёнашон забона мекашад. Аммо Худованди муттаъол ин душманиро аз байн бурд ва ба ҷояш муҳаббату ҳамдилӣ ва самимият нишонд.

## ГУВОҲИИ ҚУРЪОН (2)

Фарз кунем агар шумо дар бораи саҳобагони Паёмбари Худо (с) чизе дар дил доред, чӣ зараре мекунед, агар нисбат ба ин азизон ва покон ҳусни зан (гумони нек) пайдо кунед? Бахусус, ин ки гувоҳӣ аз тарафи Парвардигори донову тавонои онҳо мукаррараан содир шуда ва борҳо Худованди субҳон ёдовар шуда, ки ӯ бар онҳо эҳсон фармудаву дилҳои эшонро ба якдигар пайванди улфату муҳаббат дода, ки бар асари ин лутфу эҳсони Худованд бо якдигар бародар шудаанд, дилҳояшон софу

пок ва саршор аз муҳаббату дӯстӣ гардидааст. Бояд донист, ки умуми ҳоли саҳобагон (р) чи гуна будааст, ояти зерин бар ин умум далолат мекунад: **“Ва агар бихоҳанд туро фиреб диҳанд *(бидон)*, ки Худованд туро кофӣ аст. Ҳам Ӯст, ки бо ёрӣ доданаш ва бо мӯъминон ба ту тавон дод.”**

*(Анфол: 62)*

Хонандаи гиромӣ, ояи каримаро бори дигар тиловат кунеду диққат кунед Худованди муттаъол фазли худашро бар Паёмбараш (с) ба ёд меоварад, фазли Ҳақ таъоло чист? Таъйиду нусрат ва ёрӣ аз ҷониби худаш ва ба василаи мӯъминҳо. Кадом мӯъминҳо? Ҳамон касоне, ки Худованд дар миёни дилҳои эшон улфату муҳаббат андохта. Диққат кунед, хеле муҳим аст, ки агар Расули акрам (с) тамоми он чи дар замин аз молу сарват ва имконоти моддӣ вуҷуд дорад, ба кор мебурд, ҳаргиз наметавонист дар миёни дилҳои эшон улфату муҳаббат бияндозад. Соҳиби фазлу эҳсон фақат Худованд аст, ки ин корро кард.

Аммо мутаассифона, бо вуҷуди даҳҳо ва садҳо оят, ҳадис ва далелҳои таърихӣ ва ақлӣ касоне ҳастанд, ки таҳаммули ин фазои самимӣ ва саршор аз ишқу отифаро дар миёни асҳоби Паёмбар (с) надоранд ва гӯё қасам хӯрдаанд, ки бояд бо тамоми ин нусуси сареҳи Қуръон мухолифат кунанд ва ба ҳар тариқе бошад, собит намоянд, ки фазои умумӣ дар ҷомеаи саҳобагон (р) фазои кинаву адоват ва душманӣ будааст! Аҷиб аст Худованди олимулғайб ва аз ҳама чиз хабардор такрoран мефармояд, ки Ӯ дар миёни дилҳои онҳо улфату муҳаббат андохта, эшонро бо ҳам бародар гардонида, аз бародар ҳам наздиктар **“руҳамоъу байнаҳум”** шудаанд. Бо вуҷуди ҳамаи ин, достонҳову афсонаҳои зиёде бофташуда ва то имрӯз ҳам ба мӯди рӯз рангубор дода мешаванд ва ба мусалмонон

чунин нишон дода мешавад, ки онҳо (асҳоб) бо ҳам душман будаанд!

## ГУВОҲИИ ҚУРЪОН (3)

Чи қадар бисёр аст оятҳое, ки аз саҳоба ситоиш мекунанд ва чи бисёр аст оятҳое, ки авсофу афъоли эшонро баён мекунанд. Аз ҷумла, исору фидокорӣ, ки самараи табиъии улфату муҳаббати фавқулоддааст, дар ояти зайл инъикос ёфтааст, ки Худованди донову огоҳ мефармояд: **"Он *(ғанимат)* хоси бенавоёни ҳиҷраткардаест, ки аз хонаҳояшон ва амволашон ронда шудаанд. Аз Худованд фазлу хушнудӣ меҷӯянд ва *(дини)* Худо ва Расулашро ёрӣ медиҳанд. Ҳам инонанд, ки ростгӯянд."**

*(Ҳашр: 8)*

Намунаҳое, ки зикр гардида, метавонанд, ишорае бошанд ба нусуси фаровони Қуръон, ки аз саҳобагони Паёмбар (с) мадҳу ситоиш мекунад. Мо ба ҳамин миқдор, ки бар муҳаббату самимият байни онҳо далолат намуда ва вуҷуди онро собит мекунад, иктифо кардем. Возеҳу равшан аст, ки ин улфату муҳаббат ва ихлосу самимият дар аъмоқи дилҳои пурнури саҳобагон реша доштааст. Ҳамчунон, ки медонед, ки сифоти волое, чун исору фидокорӣ, ухуввату бародарӣ, дӯстиву самимият ва пайванди пур отифаи улфату муҳаббат ҳамагӣ бо оятҳои сареҳи Қуръон собит шуда, ки дар маҷмӯъ фазои саршор аз муҳаббату дӯстӣ байни саҳобагонро тарсим мекунад. Оятҳои фаровоне пиромуни сифатҳои мазкур омадааст. Дар ояти гузашта агар диққат кунед, мебинед, ки дар он исботи муҳаббату дӯстии ансор бо муҳоҷирин аст, ҳамин тавр дар ояти охири сураи Фатҳ диққат намоед.

## ЯК ДОСТОНИ ҶОЛИБ

Инак достони зайлро, ки Алии Ардабилӣ дар китобаш "Кашфу-л-ғумма"[1] нақл карда, мулоҳиза фармоед, аз имом Зайнулобидин Алӣ ибни Ҳусайн (ъ) ривоят аст, ки фармуд: "Иддае аз мардуми Ироқ хидмати ҳазрат омаданд ва аз Абубакр ва Усмон дар маҳзари эшон накӯҳиш карданд. Вақте сӯҳбаташон тамом шуд, фармуд, мумкин аст ба ман бигӯед, ки оё шумо аз муҳоҷирини аввалин ҳастед, ки Худованд дар бораи онҳо фармуда: **"Касоне, ки аз хонаҳояшон ва амволашон ронда шудаанд. *(Ва)* аз Худованд фазл ва хушнудӣ меҷӯянд ва *(дини)* Худо ва Расулашро ёрӣ медиҳанд. Ҳам инонанд, ки ростгӯянд."**

*(Ҳашр: 8)*

Гуфтанд: На.

Фармуд: Пас шумо аз онҳое ҳастед, ки Худованд дар бораи эшон фармуда: **"Касоне, ки пеш аз онҳо дар дори Ислом ҷой гирифтанд ва имон дар дилашон ҷой гирифт. Касонеро, ки ба сӯи онҳо ҳиҷрат кунанд, дӯст медоранд ва дар дилҳои худ аз он чи *(ба муҳоҷирон)* додаанд, эҳсоси ниёз намекунанд ва *(дигаронро)* бар худашон ва агарчанде мӯҳтоҷ бошанд, тарҷиҳ медиҳанд ва касоне, ки аз ози нафси хеш маҳфуз бошанд, инонанд, ки растагоранд..."**

Гуфтанд: На.

Фармуд: Пас вақте эътироф кардед, ки аз ду гурӯҳи аввалӣ нестед, ман гувоҳӣ медиҳам, ки шумо аз касоне ҳам нестед, ки Худованд дар бораи онҳо мефармояд: **"Ва *(низ)* онон ки пас аз инҳо омаданд, мегӯянд: Парвардигоро, моро ва он бародаронамонро, ки дар имон овардан аз мо пешӣ гирифтанд, биёмурз ва дар дилҳои мо ҳеҷ кинае дар ҳаққи**

1. Ҷилди 2, саҳ.78, чопи Теҳрон.

**касоне, ки имон оварданд, қарор мадеҳ. Парвардигоро, Туӣ, ки бахшандаи меҳрубонӣ.”**

Баланд шавед (хезед) аз пеши ман берун бираved, Худованд шуморо ба сазоятон бирасонад.

Ин аст, дониш ва дарки имом Зайнулобидин (ъ) ва мавқеъи эшон нисбат ба саҳобагон ва ёрони Расули Худо (с) ва эшон (имом Зайнулобидин) аз тобиъин ба шумор меравaнд. Дар мавриди ситоиши саҳобагон аз якдигар китобҳои ҳам шиъа ва суннӣ фаровон аст.

## ГУВОҲИИ “НАҲҶУ-Л-БАЛОҒА”

Касоне, ки “Наҳҷу-л-балоғa”-ро мутолиа карда бошанд, медонанд, ки суханони бисёре бо сароҳат ва киноя дар бораи мадҳу ситоиши саҳобагони Паёмбар (с) вуҷуд дорад. Вале инак як мавридро интихоб кардем, чунки дар он аз Қуръони карим истидлол шуда буд. Ҳазрати Алии Муртазо (ъ) мефармояд: “Ҳамоно ёрони Паёмбар (с)-ро дидам, касеро намебинам, ки ҳамонанди онҳо бошад. Рӯзро жӯлидамӯ ва гардолуд ба шаб мерасонанд ва шабро ба навбат дар саҷда ё қиём ба сар мебурданд. Гоҳ пешонӣ бар замин месӯданд ва гоҳ гуна бар хок. Аз ёди миъод (қиёмат) чунон нооромр менамуданд, ки гӯӣ бар пораи оташ истода буданд. Миёни ду чашмашон чун зонӯи бузон пина баста буд, аз тӯлонӣ мондан дар суҷуд. Агар номи Худо бурда мешуд, чандон мегиристанд, ки гиребонҳояшон тар мегардид ва аз кайфаре, ки бими он доштанд, ё умеде ки тухми он дар дил мекоштанд, меларзиданд, чунончи дарахт рӯзи тундбод ларзад.”

*(Тарҷумаи доктор Ҷаъфари Шаҳидӣ, чопи чаҳордаҳум, 1378. Теҳрон)*

Суханони Алӣ (ъ) пиромуни саҳобагон фаровон аст, агар нақл кунем, ба тӯл меанҷомад. Набераи эшон имом Зайнулобидин китобҳое доранд, ки дар онҳо барои саҳобагон дуо шуда ва аз онҳо ситоиш ба амал омадааст: (зоҳиран ишора ба *"Саҳифаи саҷҷодия"* аст). Ҳар кадом аз имомони аҳли байт (ъ)-ро, ки мулоҳиза кунед, гуфтаҳои фаровоне дар бораи саҳобагон (р) ва мадҳу ситоиш аз эшон доранд. Ривоятҳои фаровоне омада, ки дар онҳо сароҳатан аз хулафои рошидин ва уммаҳотулмӯъминин (занони Паёмбар (с)) ситоиш ба амал омадааст, ки агар ҷамъоварӣ шавад, "маснавии ҳафтод ман" хоҳад шуд.

## СИҚЛИ (ДАСТОВЕЗ) АКБАР ВА АСҒАР

Хонандаи гиромӣ, бо ин ки саъй доштам, мухтасар бинависам, зоҳиран матлаб тӯлонӣ шуд. Аз шумо пӯзиш металабам ва аз Худованди меҳрубон мехоҳам, ки ба ҳамаамон тавфиқи истифода иноят фармояд. Лутфан, каме дигар ҳам таҳаммул кунед, матлаб дорад, тамом мешавад. Фақат баҳси кӯчаке пиромуни манзилати аҳли байт аз дидгоҳи аҳли суннат боқӣ аст, то равшан шавад, ки онҳо чӣ қадар ҳарисанд, ки ба "сиқли акбар" яъне Қуръони карим чанг бизананд. Ҳамчунон, ки ба "сиқли асғар" ё аҳли байти Расули Худо (с) чанг мезананд, ки ҳамон итрати тоҳира аст.

Мутаассифона, дар тӯли қарнҳои гузашта тавре нишон дода шуда, ки гӯё аҳли суннат натанҳо ҳеҷ алоқае ба аҳли байти Паёмбар (с) надоранд, балки наъузу биллоҳ бо онҳо душман ҳам ҳастанд! Нафрини Худо, Паёмбар ва фариштагон бар касе бод, ки худро мусалмон биномад ва дар айни ҳол душмани аҳли байти Паёмбар (с) ҳам бошад. Албатта фарқ аст байни ин ки инсон ба он улгӯҳои (намунаҳои) имону тақво муҳаббат дошта бошад ва ин ки

онҳоро аз мақоми баландашон поинтар биёварад ва Худои накарда дар бораи эшон дучори ғулув ва ифрот (азҳадгузарӣ) гардад. Ин масъала худ мавзӯъи мустақиле аст, ки ниёз ба баҳс дорад, ҳамин миқдоре, ки зикр кардем, барои равшан намудани ин мавзӯъ кофӣ аст. Бинобар ин, шафқату раҳмат ва улфату муҳаббат миёни тамоми саҳобагон, ки шомили худи эшон ва аҳли байти он ҳазрат (с) низ мешавад, ба вежа асҳоби кисо (або) (ъ) маъруфтар аз он аст, ки бар касе пинҳон бошад.

## *АҲЛИ СУННАТ ВА АҲЛИ БАЙТ (Ъ)*

## ТАЪРИФИ АҲЛИ БАЙТ:

Вақте гуфта мешавад *"аҳли байт"* яъне аҳл ва хонаводаи шахс ва *ат-тааҳҳул,* яъне издивоҷ кардан ва *олулбайт,* яъне сокинони хона ва аҳли ислом, яъне пайравони дини Ислом. Вале калимаи *аҳл* чунончи дар қомуси "Мақойису-л-луғат" омада "олур-р-аҷули" яъне аҳли ӯ ва *"олуллоҳ ва расулиҳи"*, яъне авлиё ва дӯстони Худо ва Паёмбар. *"Байт"*-и шахс иборат аз хона ва шарафи ӯст. Агар мутлақо *"ал-байт"* гуфта шавад, манзур хонаи Каъба аст, зеро дилҳои мӯъминон ба ӯ майл дорад ва нафсҳо дар он оромиш пайдо мекунад, зеро ки қибла аст. Агар ба истилоҳи асри ҷоҳилӣ аҳли байт гуфта шавад, манзур сокинони махсуси он хона аст. Вале баъд аз Ислом агар мутлақо аҳли байт гуфта шавад, манзур аҳли байти Паёмбар (с) аст.

## ОЛИ РАСУЛ КИСТ?

Уламо дар бораи ташхиси дақиқи аҳли байти Расули Худо (с) ихтилофи назари зиёде доранд, ки машҳуртарини он иборат аст, аз ин ки аҳли байт:

1. Касоне ҳастанд, ки садақа бар онон ҳаром гардидааст.

Ин раъйи ҷумҳур (аксари фуқаҳои Ислом) аст.

2. Авлоди Паёмбар (с) ва ҳамсарони эшон аст.

Ин раъйи Ибни ал-Арабӣ дар “Аҳкому-л-Қуръон” аст, ки аз он дифоъ кардааст. Баъзе бар ҳамин раъй ҳастанд, вале ҳамсарони он ҳазрат (с)-ро дохил намедонанд.

3. Оли Паёмбар (с) касоне ҳастанд, ки то рӯзи қиёмат аз эшон пайравӣ мекунанд.

Имом Наввавӣ дар шарҳи “Саҳиҳи Муслим” ва соҳиби “Инсоф” аз ин дидгоҳ дифоъ кардаанд.

4. Баъзе уламо ҳам олро махсус ба пайравони парҳезгори Мустафо (с) донистаанд.

*Пурсиш: касоне, ки аз садақа маҳрум шудаанд, кадомҳоянд?*

*Посух: Бани Ҳошим ва бани Абдулмуталлиб ин қавли роҷеҳ ва раъйи ҷумҳур аст.*

5. Баъзе уламо онҳоро фақат мунҳасир ба бани Ҳошим донистаанд.

6. Мурод аз Оли Расул (с) аз дидгоҳи шиаёни имомӣ фақат дувоздаҳ имом аст (ба иловаи ҳазрати Фотима (р), ҳеҷ каси дигареро дар он дохил намедонанд).

Гурӯҳҳои мухталифи ташайюъ аз аҳли байт таърифҳову баёноти ҳархела доранд. Қавли роҷеҳ ва мӯътамад ҳамон қавли аввал аст.

## АҲЛИ СУННАТ ВА АҲЛИ БАЙТ

Ҳеҷ китобе аз китобҳои эътиқодии аҳли суннат нест, ки дар он зикре аз аҳли байт (р) набошад, ба далели аҳамияте, ки дорад, уламо онро ҷузъи масоили эътиқодӣ шумурдаанд ва дар бораи он китобҳо навиштаанд. Хулосаи ақидаи аҳли суннатро дар ин замина шайхулислом Ибни Таймия дар “Ақидаи Восития” нигоштааст. Аз сабаби он, ки ин китоб бисёр мухтасар аст, менависад: Аҳли суннат аҳли байти Паёмбар (с)-ро дӯст медоранд ва бо онон

муволат меварзанд ва васияту суфориши Расули акрам (с), ки фармудаанд: ***“Шуморо дар бораи аҳли байтам ба номи Худо суфориш мекунам, шуморо дар бораи аҳли байтам ба номи Худо суфориш мекунам,”***-ро дар бораи онҳо ба ҷой меоваранд.

Ҳамчунин Расули Худо (с) ҳангоме ки амакашон Аббос хидмати эшон шикоят кард, ки баъзе қурайшиҳо бо бани Ҳошим ҷафо мекунанд, фармуданд***: “Қасам ба Зоте, ки ҷонам дар дасти Ӯст, ҳаргиз мӯъмин намешаванд, то ин ки шуморо ба хотири Худо ва ба хотири хешовандии бо ман дӯст бидоранд.”*** Ва фармуданд: ***“Худованд аз миёни ҳамаи мардум хонадони Исмоъил ва аз миёни онҳо Кинона ва аз Кинона Қурайш ва аз Қурайш бани Ҳошим ва аз миёни бани Ҳошим маро баргузид.”*** Ба ҳамин насс иктифо мекунем он ҳам аз имоме, ки баъзе бародарони шиъа бо ӯ адовати хосе доранд. Аз китоби “Минҳоҷу-с-суна”-и ӯ, ки рад бар яке аз уламои шиъа ба номи Ибни Мутаҳҳари Ҳиллӣ навиштааст.

## ҲУҚУҚИ АҲЛИ БАЙТ

***1. Ҳаққи муҳаббат ва муволот:***

Хонандаи гиромӣ, ҳамчунон, ки хабар доред, муҳаббати ҳар мусалмон як воҷиби шаръӣ аст. Вале ҳар он чи ки дар бораи муҳаббати аҳли байти Паёмбар (с) ба арз расондем, махсуси ин зуррияи тоҳира тааллуқ мегирад, ки ҳеҷ каси дигар бо эшон шарик нест, зеро он ҳазрат (ъ) фармуданд: *“Лиқаробатӣ”.*

Муҳаббати умумӣ, ки бо ҳамаи мусалмонон воҷиб аст, ҳамон бародарии имонӣ ва дӯстӣ бар асоси имону ақида аст, ки ҷанбаи умумӣ дорад. Зеро ҳар мусалмон бо мусалмонони дигар бародар аст, ки аҳли байтро низ шомил мешавад. Аммо Паёмбар (с) барои хешовандони худашон

як навъ муҳаббати хос дар назар гирифтанд, фақат ба хотири қаробату хешовандияшон бо он ҳазрат.

Чунончӣ Ҳақ таъоло мефармояд:

﴿ قُلْ لا أَسْأَلُكُمْ عَلَيْهِ أَجْراً إِلَّا الْمَوَدَّةَ فِي الْقُرْبَى ﴾

**“Бигӯ, бар расондани он музде аз шумо дархост намекунам, вале бояд дар миёни хешовандон дӯстӣ пеша кунед *(ва ҳаққи хешовандии маро ба ҷой оваред)*”.**

*(Шӯро: 23)*

Маънои ҳадиси гузашта маънии ҳамин ояи карима аст, ки албатта баъзе муфассирин гуфтаанд: “Маро ба хотири хешовандие, ки дар миёни шумо дорам, дӯст дошта бошед.” Зеро Паёмбари Худо (с) бо ҳама қабилаҳои Қурайш хешовандӣ доштанд, манзур ин ки муҳаббату дӯстӣ ва эҳтироми аҳли байт аз ҷиҳати қаробати онҳо бо Расули акрам (с) собит аст ва ин ғайр аз муҳаббату дӯстии умумӣ бо дигар мусалмонон аст.

***2. Ҳаққи дуруд бар онҳо:***

Ҳамчунин аст дуруд фиристодан бар эшон, чи тавре, ки Аллоҳ таъоло мефармояд:

﴿ إِنَّ اللَّهَ وَمَلائِكَتَهُ يُصَلُّونَ عَلَى النَّبِيِّ يَا أَيُّهَا الَّذِينَ
آمَنُوا صَلُّوا عَلَيْهِ وَسَلِّمُوا تَسْلِيماً ﴾ [1]

**“Ҳамоно Худованд ва фариштагонаш бар Паёмбар дуруд мефиристанд. Эй мӯъминон *(шумо низ)* бар ӯ дуруд бифиристед ва чунончи бояд салом бигӯед.”**

*(Аҳзоб: 56)*

Имом Муслим дар “Саҳиҳаш” аз Абӯмасъуди Ансорӣ (р) ривоят мекунад, ки фармуд: “Дар маҷлиси Саъд ибни Убода будем, ки Паёмбар (с) пеши ман омад. Бишр ибни Саъд аз эшон пурсид, эй Расули Худо (с), Худованди муттаъол ба мо дастур дода, ки бар шумо дуруд бифиристем, чи гуна дуруд бифиристем? Расули акрам (с) хомӯш монданд, то ҷое, ки орзу кардем, ки кош намепурсидем. Сипас фармуданд, бигӯед: ***“Аллоҳумма салли ъало Муҳаммадин ва ъало оли Муҳаммадин, камо саллайта ъало Иброҳима ва борик ъало Муҳаммадин ва ъало оли Муҳаммад, камо боракта ъало Иброҳима ъала-л-ъоламина, иннака ҳамидуммаҷид”.***

Албатта саломро медонед. Ҳадиси Абӯҳумайди Соъидӣ, ки муттафақун алайҳ аст, низ шабиҳи ҳамин ҳадис аст. Далелҳо дар ин замина бисёр аст. Ибни Қайим (р) мефармояд: ин ҳаққаст, ки махсусан ба онҳо (аҳли байт) таъаллуқ мегирад. Дар ин бора байни имомҳои шаръ ихтилофе нест.

*(Ҷилоъу-л-афҳом)*

***3. Ҳаққи хумс[1]:***

Ҳамчунин аз ҳуқуқи онҳо хумс аст, чунончӣ Ҳақ таъоло мефармояд:

﴿ وَاعْلَمُوا أَنَّمَا غَنِمْتُمْ مِنْ شَيْءٍ فَأَنَّ لِلَّهِ خُمُسَهُ وَلِلرَّسُولِ وَلِذِي الْقُرْبَى وَالْيَتَامَى وَالْمَسَاكِينِ وَابْنِ السَّبِيلِ إِنْ كُنْتُمْ آمَنْتُمْ بِاللَّهِ وَمَا أَنْزَلْنَا عَلَى عَبْدِنَا يَوْمَ الْفُرْقَانِ يَوْمَ الْتَقَى الْجَمْعَانِ وَاللَّهُ عَلَى كُلِّ شَيْءٍ قَدِيرٌ ﴾ ٢

**"Ва бидонед, ки он чи аз ҳар ғанимате, ки ба даст овардед, агар ба Худованд ва он чи рӯзи фурқон, рӯзе ки ду гурӯҳ ба ҳам расиданд, бар бандаи худ нозил кардем, имон доред, панҷ якаш аз они Худо ва Расули *(Ӯ)* ва хешовандон ва ятимон ва бенавоён ва дар роҳмондагон аст. Ва Худованд бар ҳар коре тавоност."**

*(Анфол: 41)*

Ҳадисҳо дар ин бора зиёд аст, зиёд аст. Ин саҳм хос ба Завилқурбо аст, ки баъд аз вафоти Расули Худо (с) низ бинобар қавли ҷумҳур барои онҳо собит аст.[2] Ҳуқуқи аҳли байт бисёр аст, ки ба муҳимтарини он ишора кардем. Мустаҳиқи ин ҳуқуқ касест, ки дорои шароити он бошад, аз ҷумла ин ки мусалмон бошад, насабаш собит бошад ва некӯкор бошад. Расули Худо (с) ҳамвора аз ин ки фақат ба

---

1. Қобили таваҷҷӯҳ аст, ки хумс ҷуз як бор дар Қуръони карим бештар наёмадааст ва манзури он хумси ғанимат аст, ки аз кофирон ба даст меояд ва ончи имрӯз ба номи хумс шинохта мешавад, аввалан аимаи атҳор (ъ) онро бар шиъаёнашон бахшидаанд. *(Усули кофӣ, ҷилди 2, саҳ.499)*

2. Ниг.: Ал-муғнӣ, ҷилди 9, саҳ.288

насаб такя шавад, барҳазар медоштанд. Аз ин рӯ, Паёмбар (с) фармуданд:

«يا معشر قريش اشتروا أنفسكم من الله لا أغنى عنكم من الله شيئا، يا عباس ابن عبد المطلب لا أغنى عنک من الله شئيا يـــا صفيه عمة رسول الله صلى الله عليه وآله وسلم لا أغنى عنک من الله شيئا، يا فاطمة بنت محمد سلينى من مالى ما شـــئت لا أغنى عنک من الله شيئا».[1]

***"Эй қурайшиён? Худро аз Худо бихаред, ки ман наметавонам заррае азоби Худоро аз шумо дафъ кунам. Эй Аббос ибни Абдулмуталлиб, ман наметавонам заррае аз азоби илоҳиро аз ту дафъ кунам. Эй Сафия, аммаи Расули Худо! Ман наметавонам чизе аз азоби Худоро аз ту дур кунам. Эй Фотима, духтари Муҳаммад, аз моли дунёи ман ҳарчи металабӣ, аз ман талаб кун, вале чизе аз азоби Худоро наметавонам аз ту дур кунам."***

*(Бухорӣ ва Муслим)*

Ва он чи дар бораи Абӯлаҳаб нозил шуда низ маъруф аст.

## АҲЛИ СУННАТ ВА НАВОСИБ

Аз дидгоҳи мо аҳли суннат ҳаргоҳ бихоҳем аз мақому манзилати Расули Худо (с) сухан бигӯем, ҳатман бояд аз навосиб сухан бигӯем.

*"Насб"* дар луғат бар по доштану баланд кардани чизеро гӯянд. Аз ҳамин боб аст носибаи ҷанг ва бадиҳо, яъне ҷангафрӯз. Дар қомус омадааст *навосиб* ва *носиба* ва аҳли *насб* касоне ҳастанд, ки буғзи Алӣ (ъ)-ро дин медонанд,

зеро ки *“насабӯ лаҳу”* яъне бо ӯ душманӣ карданд. Ин ба эътибори асл аст, бинобар ин, ҳар касе, ки бо аҳли байт (ъ) душманӣ кунад, навосиб ба шумор меравад. Хонандагони гиромӣ, сухани уламои Ислом дар мавриди мадҳу ситоиш аз амирулмӯъминин Алӣ ва фарзандонаш (р) сареҳу ошкор аст ва ақидаи мо ин аст, ки иншоаллоҳ Алӣ, Ҳасан ва Ҳусайн (ъ) дар биҳишт ҷовидон хоҳанд буд. Ин амр биҳамдиллоҳ бисёр равшану ошкор аст.

## НАСБ БАҲОНАИ ИХТИЛОФ

Дар ин ҷо бояд ба мавқеъи аҳли суннат дар баробари навосиб ишора кунем ва ин ки аҳли суннат ҳамвора аз навосиб эълони безорӣ кардаанд ва мекунанд, ин масъалаи бисёр муҳимест. Зеро ҳамеша яке аз бузургтарин ва муассиртарин асбоби ихтилоф дар миёни уммати исломӣ будааст, мутаассифона гурӯҳе вуҷуд дорад, ки аз ин гуна шароит сӯъистифода мекунанд. Бинобар ин, дар ҳар фурсате аз ин масъала ба тавре сухан мегӯянд, ки ихтилоф амиқтар ва васеътар мешавад, дар ҳоле, ки ҳамаи ин бофтаҳо ва сохтаҳо ҷуз дурӯғ ва тӯҳмату бӯҳтон чизе нест. Масалан, яке аҳли суннатро муттаҳам мекунад, ки нисбат ба Алӣ ва фарзандонаш дидгоҳи хубе надоранд ва он гоҳ лаҷоми забонашро бозмегузорад, то ҳарчи метавонад дурӯғ бибофад ва достонҳову афсонаҳои тахайюлиро бар асоси буғзу бадбинии аҳли суннат нисбат ба Алӣ (ъ) ихтироъ кунад.

## ЯК АФСОНАИ ТАФРИҚААНГЕЗ

Аҷибтар ин ки ахиран афсонаи шаҳодати ҳазрати Фотимаро бофтаанд ва пару бол медиҳанд. Воқеан, хандаовар аст ва баъид нест, ки мардумони мӯъмин ва

мухлис ба аҳли байт (ъ) ин сафсатаҳоро бовар кунанд. Ростӣ ҳам ҳақ доранд. Вақте касе мутолиа надорад ва ба манобиъу сарчашмаҳои илмӣ дастрасӣ надорад, бо олимон ва рӯшанфикрони тарафи муқобил ё ҳадди аққал бетараф ошноиву робита надорад, аз куҷо медонад, ки ин достонҳову афсонаҳо як мушти дурӯғ аст? Дар ҳоле ки аҳли суннат дар бораи фазоили аҳли байт ҳадисҳои зиёде ривоят мекунанд. Шояд ҳеҷ китобе аз китобҳои ҳадиси аҳли суннат набошад, ки дар он аз фазоил ва манзилати аҳли байт ҳадис ривоят нашуда бошад.

## ДИДГОҲИ ШАЙХУЛИСЛОМ

Хонандаи гиромӣ, дидгоҳи аҳли суннат дар бораи навосиб равшан аст. Мо дар ин ҷо фақат ба нақли дидгоҳи яке аз олимони аҳли суннат, ки баъзе шиъаён ӯро бадтарин душмани худ медонанд, иктифо мекунем. Шояд китоби эшон бузургтарин доиратулмаорифи аҳли суннат дар мавзӯъи ихтилофи шиъа ва суннӣ бошад. Олими мазкур мефармояд: “Дашном ва лаънати Алӣ чунон бағовату саркашии бузурге буд, ки касоне, ки муртакиби он шуданд, ба онҳо гурӯҳи ёғӣ гуфта шуд.”

## РИВОЯТИ ИМОМ БУХОРӢ

Чунончи имом Бухорӣ дар “Саҳиҳ”-аш аз Холид ал-Ҳазоӣ аз Икрима ривоят мекунанд, ки гуфт Абдуллоҳ ибни Аббос ба ман ва писараш Алӣ фармуд: Назди Абӯсаъид биравед ва ҳадисашро гӯш кунед. Дидем ӯ дар боғест, ки онро тармим мекунад, ридояшро ба худ печонд. Сипас ба ҳадис гуфтан шурӯъ намуд, то вақте ки сухан ба сохтани масҷид расид, фармуд: Мо ҳар кадом як хишт мебурдем, Аммор дуто-дуто мебурд, то Паёмбар (с) ӯро диданд,

шурӯъ ба такидани хок аз ӯ карданд ва фармуданд: ***“Афсӯс, ки гурӯҳи ёғӣ Амморро мекушад, ӯ онҳоро ба биҳишт мехонад ва онҳо ӯро ба дӯзах мехонанд.”*** Ровӣ мегӯяд: Аммор мегуфт: *Аъузу биллоҳи мина-л-фитани”* яъне, аз шарри фитнаҳо ба Худованд паноҳ меҷӯям.

## РИВОЯТИ ИМОМ МУСЛИМ

Имом Муслим низ онро аз Абӯсаъид ривоят карда мефармояд: “Касе ба ман ҳадис гуфтааст, ки аз ман беҳтар аст. Абӯқатода мегӯяд: Паёмбари Худо (с) ҳангоме ки Аммор хандақ меканд, дар ҳоле, ки дасташонро бар сараш мекашиданд, фармуданд: ***“Афсӯс, ки гурӯҳи ёғӣ ибни Сумайяро мекушад.”*** Ҳамчунин имом Муслим аз Умми Салама (р) ривоят карда, ки Паёмбар (с) фармуданд: ***“Гурӯҳи ёғӣ Амморро хоҳад кушт”.***

## АЛӢ БАРҲАҚ БУД

Ин ҳадис бар сиҳати имоматии Алӣ ва вуҷуби итоат аз ӯ низ далолат мекунад ва ин ки ҳар кас ба тоати ӯ даъват мекунад, ба сӯи биҳишт даъват мекунад ва ҳар кас ба ҷанги ӯ даъват мекунад, ҳатто агар таъвил кунад, ба дӯзах даъват мекунад. Ҳамчунон ин далели он аст, ки ҷанг бо Алӣ ҷоиз набуд. Бинобар ин, касоне, ки бо ӯ ҷангидаанд, агар таъвил кардаанд, хатокор ва агар таъвил накардаанд, ёғӣ ҳастанд ва саҳеҳтарин қавл аз ду қавли асҳоби (уламои) мост, яъне ҳукм ба хато рафтани касоне, ки бо Алӣ ҷангидаанд ва ин мазҳаби имомону пешвоёни фиқҳ аст, ки бар ин асос, масоили ҷанг бо боғиёни таъвилкунанда (буғоту-л-мутааввилин)-ро истинбот кардаанд.

## ЛАЪНАТ БАР ҚОТИЛИ ҲУСАЙН

Дар ин ҷумлаи Шайхулислом диққат кунед, баъд аз ин ки дидгоҳҳои аҳли суннатро дар бораи Язид баён мекунад ва масъаларо ботафсил шарҳ медиҳад ва ихтилофи назарҳоро баён мекунад, менависад: "Ҳар кас Ҳусайнро ба шаҳодат расонида ё дар қатли ӯ кӯмак карда ё ба он розӣ буда, лаънати Худо ва фариштагон ва ҳамаи мардум бар ӯ бод."[1]

Оё бо вуҷуди ин дидгоҳҳои возеҳу равшани аҳли суннат боз ҳам иддаи олимнамо ҳақ доранд, аҳли суннатро муттаҳам кунанд, ки навосиб ҳастанд?

## ИЛОҶИ ВАСВАСА

Бародари азиз ва хоҳари гиромӣ! Мумкин аст бо хондани ин китоб суолҳои зиёде дар зеҳни шумо пайдо шуда бошад, ки дар таърих сабт шуда, монанди ҷанги Сиффин ва Ҷамал, ки миёни саҳобагон иттифоқ афтод. Зеро дар ҳар ду тараф иддае аз онон вуҷуд дошт, вале бештари онҳо бо Алӣ буданд, ба иловаи афроди хонаводаи эшон. Банда худам ва шуморо ба хондану андеша кардан дар ин ояи карима даъват мекунам:

﴿وَإِنْ طَائِفَتَانِ مِنَ الْمُؤْمِنِينَ اقْتَتَلُوا فَأَصْلِحُوا بَيْنَهُمَا فَإِنْ بَغَتْ إِحْدَاهُمَا عَلَى الْأُخْرَى فَقَاتِلُوا الَّتِي تَبْغِي حَتَّى تَفِيءَ إِلَى أَمْرِ اللَّهِ فَإِنْ فَاءَتْ فَأَصْلِحُوا بَيْنَهُمَا بِالْعَدْلِ وَأَقْسِطُوا إِنَّ اللَّهَ يُحِبُّ الْمُقْسِطِينَ ۝ إِنَّمَا الْمُؤْمِنُونَ إِخْوَةٌ فَأَصْلِحُوا بَيْنَ أَخَوَيْكُمْ وَاتَّقُوا اللَّهَ لَعَلَّكُمْ تُرْحَمُونَ﴾

---

1. Маҷмӯъу-л-фатово-и Шайхулислом, ҷилди 40, саҳ.437.

**“Ва агар ду гурӯҳ аз мӯъминон бо якдигар биҷанганд, байни он ду гурӯҳ оштӣ барқарор кунед. Он гоҳ агар яке аз он ду гурӯҳ бар дигаре таҷовуз кард, бо гурӯҳи таҷовузгар, то вақте ки ба ҳукми Худо баргардад, биҷангед. Пас агар баргашт, ба адл байни он ду гурӯҳ оштӣ барқарор кунед ва ба дод бикӯшед. Бегумон Худованд додгаронро дӯст медорад. Ҷуз ин нест, ки мӯъминон бародаранд. Пас байни ду бародари худ сулҳ барқарор кунед ва аз Худованд битарсед, то мавриди раҳмати Ӯ қарор гиред.”**

*(Ҳуҷурот:9-10)*

Дар оятҳои мазкур Худованд бо вуҷуди ҷанг миёни онҳо ҳамаро мӯъмин хонда, оят сареҳу равшан аст ва ниёзе ба ҳошия ва тафсир надорад. Бинобар ин, бо вуҷуди ин, ки байни онҳо ҷанг даргирифта, тибқи гувоҳии Қуръон ҳамаи онҳо натанҳо мусалмон, балки мӯъмин ҳастанд. Ҳамчунин ояти каримаи зайл: **“Пас агар шахси ҷинояткор аз тарафи бародари *(диниаш)* чизе барояш бахшида шуд, бояд рафтори нек кунад.”**

*(Бақара: 178)*

Дар ҳоле, ки ин оят дар бораи қатли амд (қасдан) аст, Худованди муттаъол ухуввату бародариро байни қотил ва соҳибони мақтул собит кардааст, ҳоло он ки ҷинояти қотил як ҷинояти хатарнок аст ва шадидтарин уқубату сазо барои он дар назар гирифта шуда, аммо онҳоро аз доираи имон хориҷ накардааст. Бинобар ин, ба гувоҳии Қуръон қотил ва соҳибони мақтул бо ҳам бародаранд: **“Ҷуз ин нест, ки мусалмонон бо ҳам бародаранд.”** Ин мавзӯъ ниёз ба китоби мустақиле дорад, ки иншоаллоҳ умедворам Худованд ҳарчи зудтар тавфиқи итмоми онро иноят фармояд.

## АРЗИ ОХИР

Хонандаи мӯҳтарам! Пас аз он, ки лаҳзаҳоеро дар фазои атрогин ва дар ҳолу ҳавои саршор аз меҳру муҳаббат бо саҳобагон ва аҳли байти Расули акрам (с) гузарондем ва робитаву алоқаи самимонаи он гурӯҳи атҳор ва ахёрро бо якдигар ташхис кардем ва фаҳмидем, ки онҳо чи қадар бо якдигар меҳрубону самимӣ будаанд ва чи қадар улфату муҳаббат ва ухуввату бародарӣ дар миёни онҳо ҳукмфармо буда ва чи андоза бо якдигар робитаи хешовандӣ доштаанд, то ҷое, ки муҳаббату дӯстии фавқулоддаи онҳоро Қуръони карим ба равшанӣ тарсим кардааст. Пас бояд бикӯшем ва аз Парвардигори ҷаҳониён бихоҳем, ки моро ба роҳе, ки дӯст дораду меписандад, тавфиқ иноят фармояд ва моро дар зумраи касоне қарор диҳад, ки худаш пас аз ситоиши муҳоҷирин ва ансор дар бораи онҳо фармуда: **“Ва онон, ки пас аз инҳо омадаанд, мегӯянд: Парвардигоро, моро ва он бародаронамонро, ки дар имон овардан аз мо пешӣ гирифтанд, биёмурз ва дар дилҳои мо ҳеҷ кинае дар ҳаққи касоне, ки имон овардаанд, қарор мадеҳ. Парвардигоро, Туӣ, ки бахшандаи меҳрубонӣ”.**

*(Ҳашр: 10)*

## ДАСТИ НИЁЗ

Ба ростӣ ҳарчанд далелу бурҳон қоим шавад ва ҳуҷҷатҳои возеҳу равшан оварда шавад, инсон ҳаргиз аз Парвардигор ва Мавлои худаш бениёз намегардад. Худованди муттаъол бо ин ки Паёмбар (с)-ро бо мӯъҷизоти равшан, бо Қуръони карим, бо ахлоқи накӯ ва қуввати баёну фасоҳати фавқулодда пироставу мунаввар фармуда ва бо ин ки аҳли Макка он ҳазрат (с)-ро аз кӯдакӣ

то биъсат (паёмбарӣ) мешинохтанд, бо вуҷуди ҳамаи ин, бисёре аз онҳо бар куфру ширки худашон боқӣ монданд, то ин ки фатҳи мубин (фатҳи Макка) омад ва Худованд бадтарин душманонашро ҳидоят кард ва дилҳои торики онҳоро бо нури имон мунаввар намуд. Бинобар ин, мо бояд ҳамвора дуо кунем ва бо илтиҷову зорӣ аз Ӯ тавфиқи суботи барҳақ ва пайравӣ аз ҳақро бихоҳем, ки ҳидоят фақат аз ҷониби Зоти меҳрубони Ӯст.

Бародар ва хоҳари гиромӣ! Ба ёд дошта бошед, ки шумо ба он чи Худованд аз шумо хоста мукаллаф ҳастед ва Худованд ҳатман аз шумо ҳисоб хоҳад гирифт, мабодо каломи каси дигареро бар каломи Худованди субҳон муқаддам бидоред. Худованд Қуръонро ба забони арабии мубин (равшан ва ошкор) нозил фармуда ва онро сабаби ҳидоят ва шифо барои мӯъминон ва сабаби кӯрӣ ва залолат барои дигарон қарор додааст. Чӣ тавре, ки Ҳақ таъоло мефармояд:

﴿ قُلْ هُوَ لِلَّذِينَ آمَنُوا هُدىً وَشِفَاءٌ وَالَّذِينَ لا يُؤْمِنُونَ فِي
آذَانِهِمْ وَقْرٌ وَهُوَ عَلَيْهِمْ عَمىً ﴾[1]

**“Бигӯ, Қуръон барои мӯъминон ҳидоят ва шифост. Ва касоне, ки имон намеоранд, дар гӯшҳояшон сангинӣ *(вазнинӣ)* аст ва он *(Қуръон)* бар эшон мояи бебасиратӣ *(кӯрӣ)* аст.”**

*(Фуссилат: 44)*

Худованд шуморо муваффақ бидорад, саъйу кӯшиш кунед, ки бо ҳидояти Қуръон роҳ ёбеду раҳнамун шавед ва ҳамвора Қуръонро пеши рӯи худ қарор бидиҳед. Хонандаи арҷманд! Дар поён ҳамин нуктаро мегӯем, ки

ҳисобу китоби ҳамаи махлуқот бар Худованди муттаъол аст. Ҳеҷ инсоне наметавонад дар ин кор нақш дошта бошад, бинобар ин, бедалел алайҳи бандагонаш ҳукм содир накунем. Ҳадди аққал ҳуқуқе, ки ол ва асҳоби ҷонбози Расули Худо (с), ки дар Қуръони карим аз онҳо ситоиш ба амал омада ва дар ривоятҳои саҳеҳ низ нақл гардида, бар мо доранд, ин аст, ки бо онҳо муҳаббат дошта бошем ва аз ҳар гуна кинаву адоват ва Худои накарда лаън ва нафрин нисбат ба он улгӯҳои имону тақво бипарҳезем. Дар ин бора бояд ҷиддӣ фикр кард. Аз Худованди муттаъол оҷизона мехоҳем, ки ҳар гуна кудуратеро нисбат ба ол ва асҳоби Паёмбараш (с) аз дилҳоямон бизудояд ва ҳақро бар мо ошкор гардонад ва моро бар шайтон ва бар нафсҳоямон ғолибу пирӯз бигардонад, ба ростӣ, ки Ӯ бар ҳар коре тавоност.

***Поёни тарҷума:***

***Панҷшанбе, шаби 19 раҷаби соли 1423-и ҳиҷрӣ.***
***Ҳарами мутаҳҳари Мадинаи тайиба.***

# ЗАМИМА:

## *Ҷадвали хешовандии хонадони Ҳошимӣ бо дах ёри биҳиштӣ*

| Хонадони Ҳошимӣ | Дигарон | Сарчашмаҳо |
|---|---|---|
| Расули Худо (с) | Оиша бинти Абӯбакр, Ҳафса бинти Умар, Рамла бинти Абӯсуфён | Ҳамаи сарчашмаҳои таърих |
| Уммикулсум бинти Алӣ (ъ) | Умар ибни Хаттоб (р) | Манобиъ дар матни китоб нақл шуд |
| Фотима бинти Ҳусайн ибни Алӣ (ъ) | Абдуллоҳ ибни Амр ибни Усмон ибни Аффон | «Ансобу-т-толибин» ва «Умдату-т-толиб» |
| Сафия (ъ) аммаи Расули Худо (с) | Аввом ибни Хувайлид, фарзандашон Зубайр ибни Аввом | Тамоми сарчашмаҳои шиъа ва суннӣ |
| Умми Ҳасан (ъ) духтари Ҳасан ибни Алӣ ибни Абӯтолиб | Ибни Зубайр ва пас аз кушта шуданаш бо бародараш Язид | «Мунтаҳаломол» ва «Тароҷиму-н-нисо»-и Ҳоирӣ |
| Руқия (ъ) духтари Ҳасан ибни Алӣ ибни Абӯтолиб | Амр ибни Зубайр ибни Аввом | «Мунтаҳа-л-омол» ва «Тароҷиму-н-нисо»-и Ҳоирӣ ва дигарон |
| Ҳусайн ал-Асғар бин Зайнулобидин (ъ) | Холида бинти Ҳамза бин Мусъаб бини Зубайр | «Тароҷиму-н-нисо»-и Ҳоирӣ, саҳ.361 |

Илова бар он чи зикр гардид, ин гуна издивоҷҳо бисёр аст ва достони издивоҷи Сакина бинти Ҳусайн бо Мусъаб ибни Зубайр машҳуртар аз он аст, ки ниёзе ба тавзеҳ дошта бошад. Агар касе бихоҳад ин гуна қаробатҳоро ҷамъ кунад, “Маснавӣ”-и ҳафтод ман хоҳад шуд.

## РИВОЯТЕ АЗ ИМОМ СОДИҚ (Ъ)

Аз Мансур ибни Ҳозим ривоят аст, ки гуфт: Хидмати имом Содиқ (ъ) арз кардам, оё саҳобагони Расули Худо (с) ростгӯ буданд ё бар он ҳазрат (с) дурӯғ мегуфтанд? Фармуд: балки ростгӯ буданд. Гуфтам: пас чаро боҳам ихтилофи назар доштанд? Фармуд: магар намедонӣ шахсе хидмати Расули акрам (с) меомад ва масъалае мепурсид ва он ҳазрат ҷавоб медоданд. Сипас бар ҳасби (тибқи) ниёз ҷавоби дигаре мефармуданд, ки ҷавоби аввалро мансух мекард, бинобар ин, баъзе ривоятҳо баъзеи дигарро мансух кардааст.

*(“Усули Кофӣ”, ҷилди 1, саҳ.65, Китоби “Фазлу-л-ъилм”)*

## ШЕЪРЕ АЗ ИМОМ ШОФИЪӢ (Ъ)

***Эй аҳли байти Расули Худо муҳаббати шумо,***
***Фарзест аз Худованд, ки дар Қуръон нозил фармуда.***
***Ҳамин ифтихори бузург барои шумо кофист, ки***
***Касе ки бар шумо дуруд нафристад,***
***намозаш дуруст нест.***

*(Девони имом Шофиъӣ (ъ), саҳ.106. “Биҳору-л-анвор”, ҷилди 23, саҳ.235)*

# МАНОБЕЪ ВА САРЧАШМАҲО


- Қуръони карим;

- Биҳору-л-анвор аз Мулло Боқири Маҷлисӣ;

- Усули Кофӣ-и Муҳаммад ибни Яъқуби Қулайнӣ;

- Тасмияту-л-мавлуд-и Аллома Бакр ибни Абдуллоҳ Абӯзайд;

- Саҳиҳ-и Бухорӣ Муҳаммад ибни Исмоъили Бухорӣ;

- ал-Муҳалло-и имом Ибни Ҳазми Зоҳирӣ;

- Мавсуъаи фиқҳ-и Алӣ ибни Абӯтолиб. Аз доктор Равоси Қалъачӣ, чопи Дору-н-нафоис;

- Маноқиби оли Абӯтолиб. Аз ибни Шаҳрошӯб, таҳқиқи Юсуф ал-Биқоъӣ, интишороти Завилқурбо 1421-и ҳиҷрӣ;

- Албидоя ва-н-ниҳоя, аз ибни Касири Димашқӣ;

- Таҳзибу-л-камол, чопи аввал 1413-и ҳиҷрӣ; Муассисаи “Ар-рисола”, таҳқиқи доктор Башшор Авводи Маъруф;

- Кашфу-л-ғумма, чопи Теҳрон;

- Ал-фусулу-л-муҳимма;

- Аълому-л-варо-и, Табрисӣ;

- Иршод, аз шайх Муфид;

- Таърихи Яъқубӣ;

- Таъриху-р- русул ва-л-мулук, аз Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ;

- Умдату-т-толибин, чопи Теҳрон;

- Миръоту-л-уқул, Аллома Маҷлисӣ;

- Сияри аълому-н-нубало, имом Шамсуддин Заҳабӣ;

- Фуруъи кофӣ, Муҳаммад ибни Яъқуби Кулайнӣ;
- Канзу-л-уммол;
- Китоби ал-ъайн, аз Халил ибни Аҳмади Фароҳидӣ;
- Ас-сиҳоҳ, Ҷавҳарӣ;
- Лисону-л-ъараб, ибни Манзур;
- Мӯъҷами мақоису-л-луға;
- Саҳиҳ-и Муслим, ибни Ҳаҷҷоҷи Нишопурӣ;
- Ҷилоъу-л-афҳом, ибни Қайими Ҷавзӣ;
- Ал-муғнӣ, Ибни Қудома;
- Ҳуқуқи олу-л-байт, Шайхулислом;
- Маҷмуъу-л-фатово, Шайхулислом;
- Девони имом Шофиъӣ.

# МУНДАРИҶА


Пешгуфтори мутарҷим .......... 3
Иттифоқи уммат .......... 4
Ситоиши илоҳӣ .......... 4
Таҳрифи таърих .......... 6
Суханони тиллоӣ .......... 7
Ин китоб .......... 7
Омили тафриқа чист? .......... 8

**Муқаддима .......... 9**
Як нуқтаи муштарак .......... 9
Фазоили аҳли байт (ъ) .......... 10
Дараҷаҳои саҳоба (р) .......... 10
Осебшиносии тафриқа .......... 12
Паёми ваҳдат .......... 13
Ифтихори сӯҳбат .......... 14
Беҳтарин уммат .......... 14
Як истисно дар таърих .......... 16
Ангеза чист? .......... 17

**Матлаби аввал .......... 21**
Номгузорӣ .......... 21
Аҳамияти исм дар ислом: .......... 22
Як пурсиши ақлонӣ .......... 22
Қазоват бо шумо .......... 23
Натиҷагирӣ .......... 24
Ва инак асли матлаб .......... 24
Мунoқиша .......... 26
Хулоса .......... 27
Натиҷа .......... 28

**Матлаби дуввум .......... 30**
Мусоҳара ё пайванд кардан .......... 30
Мусоҳараи пеш аз ислом .......... 31
Мусоҳара дар ислом .......... 31
Шаҳиди обрӯ .......... 32
Аҳамияти хостгорӣ .......... 33
Муборакбод .......... 34
Имом Содиқ набераи Абӯбакр .......... 35

Роҳбарии ақл ........ 36
Далелҳои ин издивоҷи таърихӣ ........ 38
Эътирофи аввал ........ 38
Эътирофи дуввум ........ 38
Эътирофи саввум ........ 39
Эътирофи чаҳорум ........ 39
Эътирофи панҷум ........ 40
Хулоса ........ 41

**Матлаби саввум ........ 42**
Далолати ситоиш ........ 42
Нигоҳе ба гузашта ........ 42
Гувоҳии Қуръон (1) ........ 44
Гувоҳии Қуръон (2) ........ 44
Гувоҳии Қуръон (3) ........ 46
Як достони ҷолиб ........ 47
Гувоҳии "Наҳҷу-л-балоға" ........ 48
Сиқли (дастовез) акбар ва асғар ........ 49

**Аҳли суннат ва аҳли байт (ъ) ........ 51**
Таърифи аҳли байт: ........ 51
Оли расул кист? ........ 51
Аҳли суннат ва аҳли байт ........ 52
Ҳуқуқи аҳли байт ........ 53
Аҳли суннат ва навосиб ........ 57
Насб баҳонаи ихтилоф ........ 58
Як афсонаи тафриқаангез ........ 58
Дидгоҳи Шайхулислом ........ 59
Ривояти имом Бухорӣ ........ 59
Ривояти имом Муслим ........ 60
Алӣ барҳақ буд ........ 60
Лаънат бар қотили Ҳусайн ........ 61
Илоҷи васваса ........ 61
Арзи охир ........ 63
Дасти ниёз ........ 63
Замима: ........ 66
Ривояте аз имом Содиқ (ъ) ........ 67
Шеъре аз имом Шофиъӣ (ъ) ........ 67

**Манобеъ ва сарчашмаҳо ........ 68**

# رحماء بينهم

التراحم بين آل بيت النبي صلى الله عليه وآله وسلم
وبين بقية الصحابة رضي الله عنهم أجمعين

صالح بن عبد الله الدرويش